НАШРИЁТИ «АДИБ»



*Нилуфар*

# ОТАШИ ҶОНАФРӮЗ

Душанбе
«Адиб»
2011

ББК 84 Тоҷик 7-5
Н–35

Муҳаррир *Гулназар*

Н–35 **Нилуфар. Оташи ҷонафрӯз.** – Душанбе, «Адиб», 2011, 164 саҳ.

ISBN 978-99947-64-57-0

© Нилуфар, 2011

# САДОИ ДИЛИ ҲАССОС

Нилуфар дастпарвари шӯъбаи рӯзноманигории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аст. Ҳарчанд ки ӯ ба қаламу дафтар меҳри беандозае дошт, қисмат ӯро ба роҳи дигар бурд ва солҳои тӯлонӣ ба корҳои ҳизбиву давлатӣ иштиғол варзид ва солҳои охир дар Ҳукумати вилояти Суғд корманди масъул буд. Аз рӯи тақозои вазифа саропои Тоҷикистонро гашт, ба кишварҳои дуру наздик сафар кард ва ба қавле, одаму оламро ба чашми худ дид.

Нилуфар дар ноҳияи дурдасти Дарвоз, ки васфи онро устод Деҳотӣ моҳирона ба қалам овардааст, ба дунё омада, меҳри онро, ҳусну малоҳати онро чун тӯшаи роҳ ҳамеша бо худ бурдааст.

Дар солҳое, ки дар хидмати давлатӣ буд, навиштану офариданро фаромӯш накард, дар бораи фарзандони меҳнатқарини Ватан пайваста мақолаву очеркҳо эҷод менамуд. Рисолаҳои пурмӯҳтавои ӯ дар васфи хидматҳои раиси собиқи вилояти Суғд Қ.Р.Қосимов, сӯиқасд ба ҷони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, марги падари Қосимов дар вилояти Хатлон, ҳуҷуми Худойбердиев, «Талошҳо» (1996, дар бораи собиқ сардори милисаи ноҳияи Шоҳмансур – Нуралӣ Одинаев), «Ҳомиёни Шаҳритус» (2001, ба муносибати 70-солагии милисаи ноҳияи Шаҳритус ва ҳаёт ва фаъолияти собиқ раиси ҳукумати ноҳия Эшбурӣ Эсанбоев), «Три завета» (2007, дар бораи ҳаёт ва фаъолияти собиқ Президенти Украина В.Юшенко), масоили иқтисодиву фарҳангӣ бисёр ҷолибу хонданианд.

Нилуфар аз соли 1978 дар маҳфили адабии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки ба он шодравон Ширин Бунёд роҳбарӣ мекард, иштироки доимӣ дошт. Корҳои давлатӣ ба корҳои эҷодӣ кам фурсат диҳанд ҳам, аммо ӯ дар

сафарҳову маҷлисҳову машваратҳо қалам ба даст мегирифт, сатрҳои парешонашро дар дафтар ёддошт мекард.

Алалхусус баъди ба истиқлол расидани Тоҷикистон, мушкилиҳо ва нобасомониҳои солҳои аввали истиқлол, бозсозиву ободгариҳои солҳои охир Нилуфарро бештар ба эҷод ҳидоят намуданд.

Китобе, ки ҳоло дар даст доред, самараи ҳамон заҳматҳо, ҷустуҷӯ ва бозёфтҳои ӯст. Умед дорем, ки садои дили ҳассоси Нилуфарро мешунавед ва ба ғаму шодиҳои ӯ шарик мешавед.

ГУЛНАЗАР,<br>Шоири халқии Тоҷикистон

# РАҲНАМОИ ОЯНДА

Лаҳзаҳои гирудори мову ман
Хуни мардон рехт дар хоки Ватан.
Сарварам, бо қудрату мардонагӣ,
Ҳомие гаштӣ ба халқи хештан.

Ақли солимро ба кор андохтӣ,
Дӯстиву душманӣ бишнохтӣ,
Нек донам, тоҷдори миллатӣ,
Парчами тоҷик баланд афрохтӣ.

Пушти мизи қисматафрӯзи Ватан
Чанд гаштӣ бо ҳарифон ҳамсухан.
Ҳадяи поянда аз роҳи умед
Сулҳ овардӣ, ба халқи хештан.

Аз сари он анҷуманҳои баланд
Мезадӣ ҳарфи баланду судманд.
Эътиқод оварда бар ҳар як сухан,
Давлати моро зи ту бишнохтанд.

Аз ту арвоҳи ниёгон шод гашт,
То Ватан аз кулфате озод гашт.
Раҳбари мо, ҳимматат омад баланд,
Хонадони поки дил обод гашт.

Раҳбари миллат, шараф ёри ту бод,
Рӯҳи аҷдодон мададгори ту бод,
Дар ҳама душворӣ моро ёварӣ,
Ҳимматат исботи ҳар кори ту бод!

Тоҷикистони азизам, сарварам,
Меҳри покатро, ба дилҳо мебарам!
Парчами Сомониён бардоштӣ,
Зинда бош, эй раҳнамову раҳбарам

## ЭЪТИҚОД

«То даме халқам парешон аст, ман
Ҳастам он ҷисме – надорад ҷон ба тан.
Меҳанамро пок созам, то расад
Охирин фарди фирорӣ бар Ватан» –

Ваъдаҳоят як ба як иҷро намудӣ,
Меҳри худ дар қалби мардум ҷо намудӣ.
Гавҳари мақсуд рӯи каф гирифта,
Сулҳи ҷовидон ба халқ эҳдо намудӣ.

## ТОҶИКИСТОНАМ

Ранг гирад рӯзгори тираам,
Чун бигирам раҳ ба сӯят, эй Ватан.
Мепарам озод чун мурғи ҳилол,
Ман надорам бим аз зоғу заған.
Мекашад ёди ту ҳамвора маро
Сӯи марзу сӯи халқи бебаҳо.
Эй Ватан, як пораи қалби манӣ,
Ман насозам домани покат раҳо,
Модарам ҳастӣ ба ҳар ҷо доимо!

## ШУКРОНАБОРОН

Муборак рӯзи истиқлоли тоҷик,
Ҳумоюн сулҳу истиқлоли тоҷик.
Худоё! Дар паноҳи худ нигаҳ дор,
Ҳама ин бахту ин иқболи тоҷик.

Ки худ мо мардуми меҳнатқаринем,
Ба дониш лоиқи сад офаринем.
Худоё! Ман зи даргоҳат бихоҳам
Ҳамеша рӯи истиқлол бинем.

Ҳама аз юмни Раҳмон аст имрӯз,
Тамоми халқ хандон аст имрӯз.
Зи рӯи кулли тоҷик, ай Худоё,
Бубин, шукронаборон аст имрӯз.

## БАҲОРИ ДАРВОЗ

Баҳорат гулфишону пурнишот аст,
Баҳорат зебиши нав-нав ҳаёт аст.

Зи обу кӯҳсоронат чи гӯям,
Гулу себаргзоронат чи гӯям.

Сафобахшанда ҷӯҳоят пуробанд,
Барои боғҳо дар изтиробанд.

Зи атласпӯшии гулдухтаронат,
Шуда мафтун якояк ошиқонат.

Диёри номдорам, эй т у, Дарвоз,
Ҳамеша шаҳдборам, эй ту Дарвоз!

## ЗАХМИ СӮЗОН

Дар диёре, ки саропо кони зар буд,
Дар диёре ки ҳама аҳли ҳунар буд,

Мардумонаш он қадар озода буданд,
К-аз муҳаббат ғунчаи бикшода буданд.

Духтаронаш чун ғизолон масту зебою сарафроз,
Ҳамчу кабке андар баландӣ карда парвоз.

Навҷавонаш ҳамчу Фарҳоди таҳамтан кӯҳкан буд,
Тухми душманро ҳама дам решакан буд.

Духтарони зарбдораш номбардори Ватан буданд,
Ҳар куҷое чилчароғи анҷуман буданд.

Мӯсафедонаш насиҳатгӯи мо буданд,
Дар нигоҳам мардуми хушрӯи мо буданд.

Дар талоши модаронаш ҷустуҷӯи модарам боқист,
Лек медонам мисоли модарам дигар анисам нест.

Гар падар барвақт рафту чеҳраи ӯро надидам,
Лек меҳрашро даруни сина ҷовидона дидам.

Ман калон гаштам, худамро ёфтам дар зиндагонӣ,
Гар шикастам, боз пайвастам, ки ҳастам з-ӯ нишонӣ.

Аз ватан рафтам ба таври ногаҳонӣ,
То кунун дорам ба қалби хештан доғи ниҳонӣ.

Ман натонам ин диламро канда рӯи даст гирам,
То ҳама хонандаи ман донад аз дарди замирам.

Гарчи зебо ҳамсару ҳам панҷ фарзандам бар паҳлу ҳаст,
Дар замирам дард дорам, сӯзи ман бугуфтугӯ ҳаст.

Гарчи акнун давлатам ҳасту, ба раҳ сахтӣ надорам,
Боз пеши ақрабоям зори зори зори зорам.

Муфлисӣ мушкил набуд, бекасӣ дарди гарон аст,
Захми сӯзоне аз ин дардам ба сина ҷовидон аст.

Боз дарде, ки ҷони ман ба сӯзу дард меорад,
Ин ки бинам ҳамватанро, ашки ғам дар дидаҳо дорад.

Аз Ватан дурам, валекин ҳамватанро гоҳ-гоҳ бинам,
Дида ҳоли ногуворашро, ба дарду ғусса бинишинам.

Ман ба худ мепечаму дарду саволам бе ҷавоб аст,
Бас насиби мардуми ғурбатнаво умре азоб аст.

Тинҷии дирӯза рафту роҳате ҳоло надоранд,
Мардикори дигаронанду ба ҷуз ғавғо надоранд.

Модари ҷон гоҳ-гоҳе дар ғамам дар хоби ман ой,
Бо нигоҳе ту ҳазорон мушкилоти умр бикшой.

Рӯҳи ту манро мададгор аст дар сахтӣ, аё Модар!
Чун дар айёми ҷавониам сарамро мегирӣ дар бар.

Ту маро нодида рафтӣ, ман туро нодида мегирям,
Ман қасоси дарду ҳасратро зи чӯби хома мегирам…

## МЕХӮРАМ АФСӮС

Хӯрам афсӯс, ки танҳои танҳоям,
Хӯрам афсӯс, ки танҳои дунёям,
Кунам ҷаҳде, ки ёбам аз бароям,
рӯшании роҳи фардоям.
Агарчанде ки танҳоям,
Агарчанде ки лабрези ҳама дарду аламҳоям.
Агарчи як гули пажмурдаи домони саҳроям.
Валекин пеши номардон
Гули раънову зебоям,
Агарчанде ки танҳоям.
Агарчанде ки танҳои тамоми рӯи дунёям.
Ва месӯзад аз ин танҳоӣ як умре саропоям,
Намегӯям, ки танҳоям.
Агарчанде намебошӣ сабоҳи умри фардоям.
Туӣ он бахти волоям,
Туӣ он бахти дунёям.
Ва ман андар тамоми зиндагонӣ бо хаёлоти ту зебоям,
Агарчанде ки танҳоям,
Агарчанде ки танҳои тамоми рӯи дунёям,
Намегӯям, ки танҳоям,
Намегӯям, ки танҳоям.

## ПАЙМОНИ УМР

Туӣ савганди ман, паймони умри ман,
Туӣ гулғунчаи хандони умри ман.

Туӣ, ки дар ҷаҳони бекарон озод мегардам,
Туӣ он кавкаби рахшони умри ман.

Чаро аз байни мардум чашми ман танҳо туро кобад,
Чаро бо сад умеду ноумедиҳо туро ёбад?

Вале ту бо ҳа мин хорию зорӣ боз безорӣ,
Чаро истораи меҳрам ба рӯи ту наметобад?

Чаро дар роҳи ишқи худ маро ғамнок бинмудӣ,
Чаро рафтӣ зи дида, ҷой дар афлок бинмудӣ?

Ту рафтӣ аз пайи уммед сӯи дуриҳои дур,
Гули умеди қалбамро ба зери хок бинмудӣ.

## БИРАВ

Бирав аз мардуми чашми сиёҳам,
Дигар баҳри ту маъвое надорад.

Дар ин бозори бе меҳрии дунё
Дигар баҳри ту савдое надорад.

Умед аз ноумедиям зиёд аст,
Зи марди бохирад парво надорам.

Тамоми ҳастиро бар ӯ бубахшам,
Агарчи нуқраву тилло надорам.

Намехоҳам ба фанд орам ба домаш,
Ки қалби ман ҳама дори гуноҳ аст.

Худат инсоф кун: дар зиндагонӣ
Магар ки одамӣ беиштибоҳ аст?

Агарчи фанд хӯрдам пеши чашмот,
Бубин ту зиндагиям пурнишот аст.

Ба Ӯ бахшам аз ин пас шаҳди умрам,
Ҳаёти ӯ барои ман ҳаёт аст.

## МАШАВ НАВМЕД

Ба ёдат ҳаст он бегоҳ,
Ба ҳам будем мо ҳамроҳ.
Ҳамон рӯзе ки истода
Будем андар сари шаҳроҳ.

Гусели ту намудам ман,
Бидон, бо дидаи пурнам.
Агарчанде нафаҳмидӣ,
Дили ман буд кони ғам.

Ҳамон шабро саҳар кардам чӣ ғамгин,
Бо худ печида ман чун мори захмин.
Чаро ман ваъдаҳои хом додам,
Сарам монанди кӯҳе гашта вазнин.

Бишуд рӯз он шаби бас мушкили ман,
Нашуд як лаҳза хурсанд ин дили ман.
Бимон он ваъдаи хомат чу доғе
Ҳамеша гул кунад андар гили ман.

Пагоҳӣ чун ту хайри сард кардӣ,
Дили пурмеҳрро пурдард кардӣ.
Нафаҳмидӣ магар, ки чорае нест,
Ду рухсорам зи ҳаҷрат зард кардӣ.

Бидон, ки зиндагӣ он асту ин аст,
Ҳама пасту баландиаш ҳамин аст.
Агар дорӣ ту меҳри софу тоза,
Ҳамин ранҷу азобаш ҳам беҳин аст.

Машав навмеду кун ту бурдборӣ,
Сабуриро бикун, ҷонам, шиоре.
Ки навмедӣ бувад ин кори шайтон,
Паси фасли хазон бошад баҳоре.

## НАХОҲАМ ДИГАРЕ

Ҷони ман дар тобу тобу кӯи ту дур асту дур,
Ташнаи оғӯшату бо ҳоли зор истодаам.

Баҳри чи дурӣ гузинӣ ту дар ин умри чу барқ,
Ҳар даму соат ба роҳат чашчор истодаам.

Ман, ки мӯҳтоҷи туям, зору гирифтори туям,
Дасти меҳрат бар сарам кун, ҷони ман имони ман.

Мехӯрам савганд ба Яздон, ки нахоҳам дигаре,
То қиёмат хоҳамат, гирандаи домони ман.

## ПОРАИ ҶОН

Саропои ту
Меҳру лутфу эҳсон аст,
Тапиши ишқи ту дар синаи ман
Мисоли бозии ҷон аст.
Ва гоҳи дидани ту,
Кашида дар канору сар ба зонуят
    ниҳодан хоҳиши ҷон аст.
Миёни бозувони оҳанинат
    пайкари нарму латифи ман
Ҳамон Панҷи хурӯшон аст.
Бихоҳам нарм созӣ, гарм созӣ
    то бидонам дар канорат пайкарам
    лаъли Бадахшон аст
Ва меҳри ту даруни қалби
    ман чун чашмаи ҷон аст.
Ва ишқи ту чу оташпорае
Дар қаъри ҷони ман фурӯзон аст,
Сӯзон аст.

## ШАҲИД

*Ба ёди профессор С. Абдуллоев*

Шаҳид афтодӣ, ҷойи ту аён аст,
Канори равзаи ризвон макон аст.
На ҳар кас ҷой дар он ҷой дорад,
Ки ҷаннат ҷой бар озодагон аст.

## ШӮЪЛАИ МУҲАББАТ

Эй шӯълаи мубораку пурмеҳри орзу,
К-аз қуллаҳои кӯҳи баланд орамидаӣ.
Дар марзҳои кӯчаки ин қалби беқарор,
Шабҳои бекарон, гули истора чидаӣ.

Андар канори қалби бас орому бесадо,
Меҳре ато намудаву чун гул дамидаӣ.
Аз умқи баҳри ин дили аз ишқ бехабар,
Як ишқи поку соф, чу дурдона чидаӣ.

Қалби пуризтиробу чу кӯҳ устувори ман
Боре надида буд чунин ишқи оташин.
Ман бо каломи ишқи аввал рост меравам,
Ки қатраи муҳаббатаму бо ту ҳамнишин.

Ман ахтари муҳаббатаму аз кароматаш,
Боре нигаҳ ба сӯи дигар дил наафканам.
Ӯро азизу пок барам то ба рӯзи ҳашр,
Ман қалби хеш бишканаму ишқ нашканам.

## СӮҲБАТИ КӮТОҲИ ГУЛ

Ман гули наврустаро кардам назора ин саҳар,
Бо ҳазорон орзуҳо муғчаашро боз кард.
Шабнаме болои ӯ афтод бар рӯи замин,
Муғчаҳои дигареро дидаву овоз кард.
Мо гули наврустаему бори аввал омадем ,
То кунем ин зиндагиро сабз монанди баҳор.
Баъди чанде ҳамчу гард афтем бар рӯи замин,
Тухми моро бисабзонанд, аз мо ёдгор.
Сӯҳбати кӯтоҳи гул андар дилам шӯре фиканд,
Ёд кардам ман зи нокомии садҳо навҷавон.
Ҳайфи умри ҳамчу гул кӯтоҳ дар боғи умед,
Бо дили пурорзу гиранд роҳи охирон.
Мехӯрам афсӯс, меафтам миёни фикри худ,
Қасд мехоҳам бигирам ман зи марги беамон.
Мерасад бар гӯш оҳе ҷонгудоз,
Лек дар қалбаш бувад дарди гарон.
Мехӯрам афсӯс ҳар дам бар Фурӯғ,
чунки ноком аст ӯ.
Ман ғаме дорам ба дил, чун дар дили ӯ бебаҳост.
Ку касе, к-акнун бар қадри он?
Қадрдонӣ карданаш имрӯз айни муддаост.

## НАЁ ФАРДО

Кучҷоҳо мегурезӣ з-оташи ишқи саропосӯз,
Биё, монанди Фарҳоде аз ин пайроҳаҳо бигзар.
Бичӯй аз торҳои қалби ман оҳанги қалби худ,
Биё шерона бар сӯям, агар дорӣ ба худ бовар.

Ту, ки имрӯз дар ман сад гуноҳеро раво бинӣ,
Бидон! Ки баъди маргам покиямро дарк месозӣ.
Наё он лаҳзае, ки қалби ман дар синаи хок аст,
Биё имрӯз, то дар зиндагӣ бошам зи ту розӣ.

Сари қабрам ту мерезӣ сиришки дарду ҳасратро,
Дигар аз ашки ту ҳамчун гули озар намесабзам.
Агар садҳо гули уммед сар аз хок бардоранд,
Дигар чун оташи Зардушти исёнгар намесабзам.

Ба сони шӯълаи хуршед ман ҳар сӯ нагардам пош,
Ҳама дарду алам пинҳон бувад дар хандаҳои ман.
Садоят мерасад аз дур пур аз ғуссаву андӯҳ,
Ҷавобе деҳ ту бар ҳар хандаҳои ман.

Надонам лаҳзаи маргам ту дур астӣ ё наздик,
Вале аз дасти қисмат нест дар дунё паногоҳе.
Ягон рӯзе бубояд сар ниҳем андар дили ин хок,
Ба паҳлӯи ҳама фарди худогоҳу худохоҳе.

Ман акнун бо сухан бояд туро огоҳ бинмоям,
Туро бо дил шиносам, лек дилро бо ду чашми нам,
Наё фардо сари хокам, нарезон ашки ҳасратро,
Ба ҳаққи ғуссаҳои ман, маро ҳоло бишав ҳамдам.

## СУРУДИ ҶОВИДОН БУВАД

Дар ин шаби ситорабор,
миёни ин ситораҳо,
Ба ёди меҳру
ишқи поки ту нахуфтаам.
Ба рӯи коғази сафед,
зи ишқи пуршарори ту
Бубин, ки мисра гуфтаам,
Канори ин шаби сиёҳ,
Канори сабзаву гиёҳ.
Садои булбулон гувоҳ,
Ба ту суруд мисра гуфтаам.
Ба чашми ҷоншикори ту,
Ба ишқи бебарори ту,
Барои он муҳаббатам,
Бидон, ки шеър гуфтаам.
Агарчи байни мардумон,
Нишони тири ғайбатам.
Набошадам ҳаросу бим,
Чу ишқ ҳаст мақсадам.
Ягона ғамбарори ман,
Ҳамин, ҳамин муҳаббатам.
Ба рӯи коғаз оварад,
Ҳама шиканҷаи дилам.
Ба ман чу ёваре бувад,
Аз ӯст саҳл мушкилам.
Агарчи шеър гуфтаам,
Тамоми шаб нахуфтаам,
Агарчи дурр суфтаам,
Барои ташнагони ишқ
Мисоли оби чашма аст,
Зи номи ман нишонае
барои ташнагон бувад.
Барои ташнагони ишқ
суруди ҷовидон бувад.

## МЕСИТОЯМ

Меситоям насли неке,
К-ӯ ба халқи хеш умре созгор аст,

Меситоям он писар, ки дар дили ӯ
Меҳри модар пойдор аст.

Меситоям ошиқе, дар қалби ӯ
Як муҳаббат устувор аст.

Меситоям содиқе, дар қалби ӯ
Як муҳаббат ҷойдор аст.

Меситоям родмардеро, ки баъди мурданаш
Номи некаш ёдгор аст.

## ХУДО ДОНАД

Аҷаб нури нигоҳе, қалби ман оташ ҳамегирад,
Бисӯзад, хок гардад, пеши он нури нигаҳ мирад.
Касе инро намебинад,
Касе инро намедонад.
Яқин донам, ки чашми бад ба сӯи ишқи мо кӯр аст.
Вале чашми Худо биност,
Мебинад,
Мебинад,
Ки қалби мо тараб хоҳад,
Нахоҳад ғуссаву ғамро.
Нахоҳад чашми пурнамро,
Худо яктост,
Худо яктост.
Нигоҳат гарчи месӯзад, маро зебост.
Барои қалби ман яктост,
Барои ман ҳама дунёст.
Аз он чашмони оҳувонаву абрӯи пайваста
Саропо меҳр мерезад ба роҳи ман,
Касе инро намебинад,
Касе инро намедонад,
Фақат танҳо Худо донад,
Худои раҳнамо донад,
Худои ишқи мо донад.

## ИНСОН

Худоё! Дар дили инсон
чӣ гапҳое, чӣ гапҳое!
Худоё! Дар сари инсон
чӣ савдое, чӣ савдое!
Зи ҳар сахтӣ, зи ҳар кулфат,
зи ҳар дарде, зи ҳар заҳмат,
Ки месӯзад дар ин дунё
саропое, саропое.
Ва ё ки қисматаш шӯр аст,
замона ё ки ночӯр аст,
Намебинад азоби умр,
магар чашми фалак кӯр аст?
Худоё! Худ кунӣ осон
ҳамеша мушкилоти кас,
Намон, инсон шавад мӯхточ
миёни ҳар касу нокас .
Ба сахтиҳо гар инсон аст,
умедаш бар ину он аст,
Ба ҳар ҳоле, ки бошад ӯ,
Худовандаш нигаҳбон аст.
Худовандаш нигаҳбон аст,
ки ӯ махлуқи Яздон аст.

## ҲАСРАТ

Самои қалби ман умре пур аз абри ғамолуде,
Зи ғам хӯрдан дар ин дунё набуд суде, набуд суде.
Аё Яздони поки ман, бисӯзам ман, бисӯзам ман,
Ҳамин абре, ки мебинӣ аз он дуде, аз он дуде.

Миёни ҳасрати хунин якумрӣ зору танҳоям,
Даруни кулбаи бекас зи ғам сӯзад саропоям.
Ҳама армони ту аст ин, аё Модар, аё Модар,
Тамоми умри худ, Модар, ман акнун роҳ мепӯям.

Садоят боз меояд миёни пардаи шабҳо,
Ба хобам медаройӣ ту, басо зебо, басо зебо.
Вале, Модар, ҳама дидор дар хоб асту дар пиндор,
Ба бедорӣ ҳамонам ман: саре танҳо, саре танҳо.

Аё Модар, аё Модар, бимондӣ зору танҳоям,
Ҳамехоҳам, ки гирӣ ту ба оғӯшат саропоям.
Дар ин дунёи пурғавғо, дар ин шебу фарозиҳо,
Ҳамесӯзам, ҳамесӯзам миёни бекасиҳоям.

## САБР

Зи сахтиҳои дунёи ҷафокор
Шавад ҳар одами дилмурда бедор.
Аз ин пасту баландиҳои тақдир
Намирад одами бо нангу бо ор.

Чаро ки сабр доруи тани ӯст
Ва шукрона дуою ҷавшани ӯст.
Ҳазорон хизмати карда ба модар
Паноҳи ҷону роҳи равшани ӯст.

Касеро сабр кардан пешаи ӯст,
Ба оби раҳматаш тар решаи ӯст.
Азобашро баробар карда қисмат
Худо пайваста дар андешаи ӯст.

## ДУХТАРИ ОФТОБ

Ман туро ёфтаму дилшодам,
Аз бароят дари дил бикшодам.

Нестам Нилуфари танҳо ман,
Зуд гирам ба канор, озодам.

Дӣ бирафтам ба тамошои чаман,
Пеши гулҳо сири худ бинҳодам.

Ёфтам он чи ки ман меҷустам,
Дар раҳи бахт кунун афтодам.

Ай ҷавон, базм биорой кунун,
Бинишин паҳлӯям, эй Шамшодам.

Соқиё, ҷоми маро кун саршор,
Ки дар ин базми тараб Гулшодам.

Дӯстон, мунтазирам дар раҳатон
Дари дил баҳри Шумо бикшодам.

## АЁ САРВАР, НАВРӮЗ АСТ

*( Ба шоири марҳум Сарвар Амирҷон мебахшам*)

Ба дил гуфтам, ба наврӯзӣ равам,
оғӯш гирам навбаҳоронро,
Бичинам ёсуман, себаргаву гулҳои хандонро,
Зиёратҳо кунам қабри шаҳидонро,
…вале афсӯс…
Зи фарсанге шунидам, нолаи пурдарди сӯзонро.
Аҷаб коре, аҷаб коре,
шунидам ман дар ин Наврӯз
оҳи сарди инсонро.
Бидидам модаре гирён,
бидидам модаре нолон,
Бидидам модареро, гиряҳо дорад,
Ба сина лахчаи сӯзон.
Ба рӯи хок хобида,
ба оғӯшаш кашида қабри фарзандаш,
Зи наврӯзаш ба ӯ медод бо дарду алам пайғом:
Бихез, эй ҷон, ки Наврӯз аст,
ба сина дарди он сӯз аст,
Занад фарёди беохир…
Аё Сарвар,
кунун фасли баҳорон асту хомӯшӣ,
Миёни деҳаи Ёгед
ниҳон дар қабри гулпӯшӣ.
Намедонӣ, баҳорон аст,
Дар ин Наврӯз ҳаргиз
ҷомаи армон намепӯшӣ,
Ҳама ҳамдеҳагон имрӯз
андар иди Наврӯзанд.

Барои рӯҳи аҷдодон
хаме оташ барафрӯзанд,
Барои қомати шеърат
зи гулҳо ҷома медӯзанд.
Ба ёди ту, аё Сарвар,
тамоми умр месӯзанд,
Сари қабрат манам, Сарвар,
чаро хомӯшу хомӯшӣ.
Манам як ташналаб
дар гирудори шеъри дунёӣ,
Умеде лоштам бинам туро,
роҳам ту бинмоӣ,
Ман оҳе мекашам аз дил,
сиришке мекунам хунин,
Туро нодидаам Сарвар,
якумрӣ ман аз ин ғамгин,
Бигӯ рози ниҳонатро,
Бигӯ дарди гаронатро.
Бигӯ армонҳои хуфтаи
дар дил ниҳонатро,
Шавам то ман давоми ту,
Давоми нотамоми ту.
Бигирам хомаатро,
то шавад ором рӯҳи ҷовидони ту.
Бихоб ором,
эй Сарвар,
Бихоб ором,
эй Сарвар,
Махӯр ғам бекасе монад
ин ҷо хомаву дафтар,
Манам он посбони хонаву
шеъри тарат, Сарвар,
Набигзорам, ки дасте аз рақибон
баррасад бар он,

Сароям, то садои ту расад
бар гӯши баҳру бар,
Бихоб ором,
бихоб ором,
Сари қабрат бихонам фотеҳа
аз номи ҳамдардон,
Бихонам фотеҳа бо лафзи ширин,
лафзи аҷдодон,
Дар ин Наврӯз мепӯшам ба ҷоят ҷомаи идӣ.
Бигирам то ҳама армони ту
аз гардиши айём.
Аё Сарвар,
ки айёми баҳорон асту хомӯшӣ,
Миёни деҳаи Ёгед
ниҳон дар қабри гулпӯшӣ.
Намедонӣ, баҳорон омадаст,
саршори армонҳо.
Дар ин Наврӯз як дам
ҷомаи умед намепӯшӣ,
Бигирам рӯи каф дафтар,
Ки он ҷо мисраъҳои оташини туст,
Гузорам бар сари қабрат,
ки гардад ҳамчу як ахтар,
Бибурдам даст бар рӯям,
бибурдам даст бар рӯям:
«Худо ободу нуристон кунад қабри ту, эй Сарвар!»

## ЗИ НУРИ ҶАШНИ ТУ

*Барои Ш. Шоҳтемур*

Бихондам қиссаҳоятро,
саросар рӯзгорат пурҷафо будаст,
Ҳама дарду ҳама кулфат,
барои халқи мо будаст.
Задӣ панҷа,
ба домони ҳақиқат,
то барӣ бо худ,
Биёрӣ бар кафат он донаи мақсуд,
Гузар кардӣ зи оташҳо,
Зи теғи нокасон сад бор,
Шавад то офтоби бахт
ба рӯи камбағал нурбор,
Дарахти дӯстиро ту
Шинондӣ тозаву бехор,
Кунун дар оғуши мулкат
Якумрӣ гашта он пурбор,
Зи теғи нокасон гар ту
ҷавониро видоъ кардӣ,
Барои ҳамдиёронат
ҳаёти хуш ато кардӣ,
Аз ин рӯ дар дили халқат
шудӣ як шӯълаи тобон.
Ва акнун сарзамини ту
Зи нури ҷашни ту, «Эй офтоби инқилоб»
Огандаи сад офтоб аст,
Комёб аст.

## НАХЛИ БИШКАСТА

Зи дасти нокасе
        бахту умедат гашт сарбаста,
Шудӣ дар чорбоғи зиндагонӣ
        нахли бишкаста.
Кучо орӣ ба даст он домани поку муборакро,
Шуда сад бори нангине
        кунун дар гарданат баста.
Кучо он қудрате,
        меҳри дигарро бар забон орӣ.
Кучо рӯе,
        барои дигаре ин қалб биспорӣ.
Наяст ин қалб,
        наяст ин қалб,
Бори нангу номус аст,
Кабӯтарбачае буду
        кунун аз бол озурдаст.
Надорад қудрати парвоз,
        афсурдаст.
Бимонад яккаву танҳо,
        канори шаҳри пурғавғо.
Ба дасти марди номарде,
        дили пурдард биспурдаст.

## ХАТИ МУРОД

Ҷоми шароби васламу
        нӯши ман орзӯи ту.
Дар ду ҷаҳон намешавам
        сери висоли рӯи ту.
Кош қаламкаши ҷаҳон хати мурод баркашад
        ба сӯи он канори атрбӯи ту.
Нигоҳи ман биҷӯяд он
        нигоҳи пуршарри ту,
Сиришки шодиям барад
        зи рухсор ғубори ту.
Вуҷуди кӯчакам ба худ
        тавони тоза ёфта
Зи гармии ҳарорати
        канори меҳрбори ту.

## ҶОВИДОН

Ҳамехоҳам ба ту шеъре нависам,
Ки монандаш дар ин дунё набошад.

Ҳамехоҳам ба ту меҳре бубахшам,
Ки дар бозору дар савдо набошад.

Муҳаббатро куҷо тонӣ харидан,
Матои ишқи мо кимхо набошад.

Биё, дунёи қалбам сайр бинмо,
Ки ҷои меҳри ту ин ҷо аён аст.

Якумрӣ дар дили ман хона дорӣ,
Бинои ишқи ту то ҷовидон аст.

## ГИЛА

Ба ман ҷабру ҷафо кардӣ, чӣ дидӣ?
Дилам обу адо кардӣ, чӣ дидӣ?
Ту шайдои рухи дигар бигаштӣ,
Ба ӯ ҷонат фидо кардӣ, чӣ дидӣ?

Бале, дар бораат фикрам хато рафт,
Чу як истора бар авҷи само рафт.
Дило, беҳуда кардӣ ошноӣ,
Ба оне, ки зи ту ноошно рафт.

Азизам, зодаи ин кӯҳсорӣ,
Намезебад туро ноустуворӣ.
Пас аз ин боядат омӯхт, омӯхт
Зи кӯҳҳои Бадахшон бурдборӣ.

## ГУМГАШТА

Набошад бори ширин бори дунё,
Ҳамеша мекашам озори дунё.
Туӣ қимматтарин гумгашта давлат
Канори ман тиҳӣ баҳрат, ту боз о.

Канори ман бишуд гар ҷои дигар,
Зи дӯзах аз бароям гашт бадтар.
Барои ин канори сарду холӣ
Бикардам хешро маҷбур яксар.

Саропо сӯхтаи, хокистарам ман,
Зи дасти зиндагонӣ абтарам ман.
Иноят кун ба ман як зарра меҳрат,
Ки мисли мурғи бебол у парам ман.

## МАНАМ ҒОЛИБ

Манам Гурдофариде
дар ҷаҳони ишқ,
Ҳамонам, ки
савори Рахши Рустам боз меоям.
Агарчанде занам,
мардонапайкар Рахш ронам
дар замини ишқ.
Туро дар рамзгоҳи ишқ
мепоям.
Биё, бар ту супорам
Рахши Рустамро
Мани танҳо,
Пиёда роҳ мегирам ба сӯи размгоҳи ишқ.
Вале ту н-омадӣ!
Чаро кардӣ фирор аз ҳавли майдон?
Худо донад,
Надорӣ қудрате, то Рахши Рустамро
ҷилав гирӣ миёни корзори ишқ,
Ту мағлубӣ,
манам ғолиб.
Кулоҳу ҷомаи мардона дар тан
Бо вуҷуди Рустамона
Рахш меронам,
Миёни корзори ишқи ту,
Эй мард,
Эй марди фирорӣ,
Куҷо дори фирор,
Ту мағлубӣ,
Манам ғолиб!

## МАН НЕСТАМ ОН КИ БУДАМ

Боз омадам бар кӯи ту,
бори дигар то бингарам
Ту сарвари ҷони манӣ,
чун мекунам бесарварам,
То дар бадан ҷони ман аст,
аз пушти ту ман раҳсипор,
Ҳаргиз намехоҳам бувад
бегона марде раҳбарам.
Меҳри туро дар умқи дил
чун гавҳаре мепарварам,
Аз меҳри ту дар зиндагӣ
кохи ҳавас меофарам.
Дар кунҷи он роҳат кунам,
аз баски бе бому дарам,
То ки надонад душмане
аз ишқи ту дарбадарам,
Боз омадам бар кӯи ту,
гир андаке андар барам,
Дигар нахоҳам лаҳзае
бе ту ба дунё бингарам.
Боз омадам бар кӯи ту,
бингар ба рухсори тарам,
Ман нестам оне будам,
Ман дигарам,
ман дигарам,
Ман шохаи бишкуфтаи Нилуфарам.

## НАДОРӢ ФИКР

Ба чашмонат шарори ишқи ман умре фурӯзон аст,
Ба чашмонат нигаҳ дорам, ки пур аз оҳи сӯзон аст.

Маро дидӣ кунун дар нимароҳи зиндагии хеш,
Гумон кардӣ, ки ишқу ошиқӣ як умр осон аст.

Ба чашмони ҳавасбинат маро акнун харидорӣ,
Ту мегӯӣ бароям аз само истора меорӣ.

Дар ин лаҳза надорӣ фикр ту аз зиндагии хеш,
Маро бигзору рав, ту соҳиби иқболи бедорӣ.

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, эй замини нозанин,
Кардаам меҳри ту дар дил ҷогузин.
Ишқи ман аз хоки ту сар мекашад,
Шӯъла ҳамчун нури ховар мекашад.

Кӯҳсоронат ба чашмам дилрабост,
Мисли кӯҳистонӣ духтарҳои ту.
Навҷавонони ту зеби кишваранд,
Мекунам сар хам ба модарҳои ту.

Хомаам дар васфи ту оҷиз бувад,
Шеъри ман дар пеши ту ночиз бувад.
Ман наметонам сухан гӯям туро,
Ки сухан шоистаи Ҳофиз бувад.

## МУҲАББАТ

Муҳаббат ахтару дил осмон аст,
Муҳаббат ганҷу дил гӯё ки кон аст.
Дили беишқ зулматхона бошад,
Дили ошиқ дили аҳли ҷаҳон аст.

Муҳаббат дар ниҳодаш шӯр дорад,
Муҳаббат дар замираш зӯр дорад.
Гаҳе бо тори қалби мо ҳамоҳанг,
Гаҳе ӯ нағмаи ноҷӯр дорад.

Муҳаббат ахтари шабзиндадор аст,
Самои қалби моро шӯълабор аст.
Чӣ гӯям ҳарф аз боби муҳаббат?
Ғаму дардаш ба олам бешумор аст.

## ДУР АЗ ВАТАН

Сӯи Маскав ман, ки мекардам сафар,
Мулки зебо дур мемонд аз назар.
Аз гузашта ёд карда ҳар замон,
Кишварамро мешудам пазмонтар.
Ёд кардам кӯҳсорони варо.
Боғу гулгашти шукуфони варо,
Чун бидидам модареро пеши роҳ,
Ёд кардам, модаро, чашмони пазмони туро,
Ашки ҳангоми гусел
        аз сари рухсора ғалтони туро.
Лек ҳар ҷое равам, ҷон Модарам!
Дури дур афтам зи марзи кишварам,
Дон, ки якумрӣ бигӯям ин сухан:
Ман ба бӯи Тоҷикистон зиндаам,
Ман бароят, модари ҷон, зиндаам.

## ДАРВОЗ

Кӯҳои баланду барҳавои Дарвоз,
Як пора замини пурсахои Дарвоз,
Гардидаву дидаам тамоми олам,
Ҷое набувад мисоли ҷойи Дарвоз.

Дарвоз, ту ганҷи шоҳвори ватанӣ,
Дарвоз, макони булбулони суханӣ,
Гарчи биравам дур аз ин мулки азиз,
Дар ёди ману ёди ману ёди манӣ.

Ман садқа шавам ҷумла бузургони туро,
Ман садқа зиёратгаҳи Эшони туро,
Ман хоки туро ба дидаҳо мемолам,
Ман садқа шавам мардию имони туро.

Дарвози азиз, маҳви ҳар санги туам,
Сармаст зи чашмаҳои гулранги туам.
Он Нилуфарам, ки дар заминат рустам,
Бишнос маро, ки ҳайкали нанги туам.

## ГАДОЗАН

Раҳ гирифта ман ба сӯи хонаам,
Баъди ташвишу талоши рӯзгор.
Боз болои ғамам ғам зам шавад,
Чун гадое мешавад манро дучор.

Тифлакаш парпеч андар ҷандае,
Дар сари раҳ модаре зору низор,
Гуфт бар ман: хайр кун, эй хоҳарам,
То худо бахшад туро авҷу барор.

Додам ӯро як-ду суми киссаам,
Гуфтам: эй хоҳар, ба тифлат кун нигоҳ.
Нони хӯрдан нест андар хони ту,
Аз куҷо ёбӣ ту дармони варо.

Дигаре бигзашту зан ҳиммат бихост,
Ӯ накард аммо ба сӯи зан нигоҳ.
Бо ғаму ҳасрат дуо кард он замон,
Гуфт: бандонад дари ризқат Худо.

Гуфтам: ай хоҳар, баро, коре бикун,
То биёбӣ нони тифлат бемалол.
Кор агар ёбӣ мувофиқ баҳри худ,
Зиндагӣ бошад гуворою ҳалол.

Орзу дорам, ки ҳар тоҷикзан
Соҳиби илму фаросатҳо шавад.
Ҳамчу зан дар арсаи ин мамлакат
Сарбаланду оқилу зебо шавад.

## РӮ БА ДАРГОҲИ ХУДО

Оҳ, эй бори Худоё,
Аз куҷоянд ин ҳама рӯзони шум,
Ки фақат дар пеши дида, зиндагӣ
Обастан асту дард мезояд ба мардум?
Халқи тоҷики парешон,
Дар диёри мардуми бегона раҳгум.
Халқи тоҷик дар диёри худ гадо ҳаст,
    ӯ гадои бенаво аст.
Дар чунин як рӯзгори сахт,
    мӯҳтоҷи як лутфи худо аст.
Хонаи тоҷик чу як мотамсаро ҳаст,
Модари тоҷик аз ин дарду алам,
Рӯ ба даргоҳи Худо ҳаст,
Оҳ, эй Парвардигорам!
Роҳи эмину наҷоташ дар куҷо ҳаст?!

*1992. ш. Маскав.*

# АҶАБ ДАВРЕ

Аҷаб давре, ки дидам хору зорӣ,
Намонда меҳрбонӣ, лутфу ёрӣ.

Ҳамон ёре, ки бо ҳам об хӯрдем,
Кунун сӯям назар дорад ба хорӣ.

Ҳазорон бор меомад ба сӯям,
Дилаш бо гиряҳо мекард холӣ.

Агар бори ғаме омад ба дӯшаш,
Шудам гирён чу борони баҳорӣ.

Ғамашро чун ғами худ мегирифтам,
Ба болои ғамонам рӯйборӣ.

Намеояд ба даргоҳам дигар ӯ,
Бисӯзам ман зи дарди интизорӣ.

Ду дастам сӯи гардунҳо, бигӯям:
Худовандо! Аз ин бадтар надорӣ!

## МАРО БАХШО

Барои ишқи ту сад бор мирам,
Ба ҷони хаставу афгор мирам.
Бубахшоям, бубахшо, гар тавонӣ,
Ки зери сад гуноҳам зор мирам.

## САҒИР НАЯМ

Кӣ маро гуфт сағирам дар даҳр?
Тоҷикистон падару модари ман.
Рӯдҳояш ҳамагӣ хоҳари ман
Кӯҳҳояш ҳамагӣ додари ман.

Кӣ маро гуфт, ки афтодаву зор?
Дар канори Ватан афтодагӣ нест.
Сарбаланд аст кунун ҳар фардаш,
Раҳбаре дораду бечодагӣ нест.

Кӣ маро гуфт, ки беболу парам,
Дар сарам ҳаст ливои Ватанам.
Ки парфишон бувад аз шӯҳрати халқ,
Ки мадор аст ба аъзои танам.

Кӣ маро гуфт, ки бечора манам?
Давлатам–давлати фардобари ман,
Сидқи Эмомалии Раҳмонам,
Ҳама дунёст кунун дар бари ман.

## МУСОФИР

Мусофир ҳар кучoе дида дӯзад,
Нигоҳи ошно ҷӯяд бари худ ,
Нигоҳи сарди мардум дида сӯзад
Тамоми пайкараш бедуд, бедуд.

Ҳама умраш мусофир дарк созад
Табассумҳои маснӯъии мардум.
Кадомин дасти меҳраш менавозад?
Мурувват гашта дар шаҳраш кунун гум.

Ҳикоятҳои Юсуф ёдамояд,
Тамоми ҳасраташ хоки Ватан буд.
Зи дил сад нолаву фарёдаш омад,
Мисоли булбуле дур аз чаман буд.

## ПОКДОМАН

Манам он гандуме дар хӯшаҳои хеш ҳайронам,
Кучҷои дасти умедам, ки ман аз хеш ғалтонам.

Агар афтам, парешонам, парешонам, парешонам,
Ту медонӣ, ки андар хирмани ишқи ту сӯзонам.

Ту медонӣ, чаро пас мебарӣ рашк аз рақибонам,
Зи ишқи пурмуаммои ту ҳайронам, ки ҳайронам.

Машав ғофил, ки холиям, ба пешат як гули хандон,
Равам аз даст, якумрӣ ба қалбат доғ мемонам.

Набошӣ толиби ман ҳам ва ишқамро нахоҳӣ гар,
Вале Яздон ҳамедонад, ки поку покдоманам.

## ДАРДИ ТАНҲОӢ

Рӯзи идам,
Рӯзи тавлидам.
Ҳеҷ ёре
        даст назад бар ҳалқаи дарвозаам.
Танҳо будам,
Заъфаронӣ ранг будам,
Ғарқи андеша,
Бо дили саршори озор.
Ашкрезон,
Ба бахти бемурувват
Ҷанг доштам.
Шарфаи по шуд аз пушти дарам.
Бо умеди ноумеде
Сар зи рӯи даст бардоштам .
Ҳамсоядухтар
        даромад аз дарам:
«– Ай Нилуфар!
Иди тавлидат муборак!»
Ӯ ҳамоно дарк карда,
Ки зи танҳоӣ дар ин рӯз
Саропо доғу дардам.
Сухан бо тарзи шӯхӣ бурду гуфт:
«Шод бошу
        пушти сар кун,
Чашм пӯш аз ин ҳама дарду алам,
Дарди танҳоӣ.
Рӯзи тавлидат муборак!
Зи номи он
        фаромӯшхотирон
(Мардони бепарво)

Муборакбодии манро
Қабул фармо.
Агарчи мондаӣ танҳо
Бош бепарво,
Ки меоянд
        пушаймон аз барои мо
Ҳамон мардони бепарво».

## БАРОЯТ САБР МЕХОҲАМ

Ту будӣ бар сафар,
эй ҷони хоҳар,
Бимурд фарзандат,
фарзандат надидӣ.
Роҳи ӯ дар сафар
гардид маҳкам,
Бимурд ҷону ҷигарбандат надидӣ.
Зи ғамҳот синаи ман дар фиғон аст,
Алобе дар танам бар ҷои ҷон аст.

Фалак раҳме накард бар ҷони танҳот,
Ту боз кардӣ сафар, модар надидӣ.
Ду чашми ӯ ба роҳат ҷон супорид,
Зади оҳ, синаи дунё даридӣ.
Зи ғамҳот синаи ман дар фиғон аст,
Алобе бар танам бар ҷои ҷон аст.

Ҳамин дунё, ки зистем ҷони хоҳар,
Мусофирхонаест бар мардуми даҳр.
Дар ин дунёи пур аз ҳасрату ғам
Бароят сабр хоҳам ҷони хоҳар.
Зи ғамҳот синаи ман дар фиғон аст,
Алобе бар танам бар ҷои ҷон аст.

## КАЛИДИ БАХТ

«Дар дили шабҳо дилам гум мезанад»,
Меравам бар кӯи андеша,
Савори он саманди орзуҳо.
Лек ин шаҳр аст торику
Саманди бодпои мақсади ман,
Оҳ, раҳгум мезанад.
Равшание пеши раҳ эҳсос бинмуду
Самандам роҳ сӯи кишвари умед бигрифт,
Сад баланду пастии қисмат ниҳону
Сад калиди ганҷи дунёро ба каф бигрифт,
Лек натвонист як дам ёфтан
Ӯ калиди бахти гумноми маро.

## ҲАМДАРД

*Барои Назриддини Неъматулло–*
*овозхони ансамбли «Дарё»*

Садои булбулии ту,
Зудояд занги дилҳоро,
Забони нуктапардозат
Кунад хуш хотири моро.

Ба гоҳе бишнавам созат,
Ба роҳат гард мегардам.
Шавам ҷӯру ҳамовозат,
Ба ту ҳамдард мегардам.

Аҷаб сози ту ҷонбахш аст,
Шавад бар сӯзи дил марҳам.
Аҷаб созат равонбахш аст,
Дилу ҷонро кунад хуррам.

Ту зеби тасвири моӣ,
Вале бошад қалам оҷиз.
Ту зеби сад таманноӣ
Вале бошад сухан ночиз.

## АЙ ГУГУШАМ

Ҳар нимашаб
  танҳо равам
              бар канори бистари нарму хамӯшам,
Миёни ҷогаҳи танҳо,
Зи дарди ҷонхароши ишқ
Шароби ҳасрату андӯҳ менӯшам.
Ягона ғамбарори ман
Дар ин шабҳои танҳоӣ
Садои
  духтари танҳову пурандӯҳи Ирон аст.
Гугушам
Мезанад бар тори дил нохун
  бо дили саршори озор.
Ҳамехонад
  суруди пур зи андӯҳи
Муҳаббат,
Ҳақиқат.
Зиндагӣ носозгор,
Рӯзгори тираву тор.
Ай Гугушам,
Аз ҳама дардат, ки болои ғаму дардам
Биборад,
Мадҳушам. Мадҳушам.
Агар хостам
Ман аз садоят лаҳзае ором ёбам,
Нагардидаст бори ғам ба дӯшам.

Ҳама ғамҳои ту
Ҳамроҳ бо ғамҳои худ
Карданд рӯпӯшам,
Дар канори бистари танҳо,
То расиди субҳ,
Бехушам, бехушам.
Рӯз чодар баркашад бар деҳаам,
Аз ҷонамоз ояд
Каломи мом бар гӯшам.
Садои «Аллоҳу Акбар»-и ӯ
Биёрад боз бар ҳушам,
Бар ҳушам.

## ДАР ЁДИ ТУ

*Ба ёди устоди зиндаёд*
*Лоиқ Шералӣ*

Фарёд зи дасти марги ногаҳ, фарёд,
Фарёд, ки умри дӯстро барҳам дод.
Донӣ, ки чи кард бо ҳаёти шоир
Дарде, ки Худо даруни қалбаш биниҳод?

Дар ёди рухаш ҳамешагӣ гирёнем,
Дар базму тараб ба ҷои ӯ хандонем.
Ҳар гоҳ ба некӣ номаш оранд ба ёд,
Аз дарди фироқ дида хунборонем.

Аз ҳазли хушаш лаби ҳама хандон буд,
Аз гулсуханаш дили ҳама шодон буд.
Рӯзе, ки бирафт аз ҷаҳони пурдард,
Ҳар хурду калон зи дида хунафшон буд.

## ДАРЁ

Лаби дарё нишастам,
Ба шӯхиҳои амвоҷаш назар бастам,
Зи обаш ташнагиямро шикастам.
Зи ҳар як нағмаи орому пурмаънои он сӯзам,
Назар бар мавҷҳо дӯзам,
Дили дарё хурӯшон асту ҷӯшон аст,
Миёни мавҷҳо сад нағма гирён аст.
Агар ту бо дили пурмеҳр шинӣ дар лаби дарё,
Бифаҳмӣ нағмаҳои бас хуши дарёи пурғавғо.
Чи ором асту ботамкин,
Ба ёд дорад гузашти умри инсонро,
Гаҳе бошад басе бадкин, ки дунёро
Ҳамехоҳад ба қаъри худ кашад
чун аждари бадкин.
Аҷаб дарё, замоне боз мегардад
Басе орому хушово.
Аҷаб дарё,
Аҷаб дарё,
Нахушкад соҳилаш асло.

## ШАБЕ БО ХОМА ТАНҲО

Нишастам ман шабе танҳои танҳо,
Ба ёди ту, ба номи ту сари шеър.
Даруни пардаи шаб рӯз кардам,
Бишуд пур бо хаёлат дафтари шеър.

Ту бошӣ дар хаёли моҳи дигар,
Маро дар гӯшаи дил ҷо надодӣ.
Шунидам, ки назар нокарда рафтӣ,
Ба дигар кас дари дилро кушодӣ.

Вале дар ишқи ту подорам умре,
Зи ҳиҷронат, бидон, беморам умре,
Ҳам ин доғе, ки мондӣ дар дили ман,
Нишоне аз муҳаббат дорам умре.

## ХУДАМРО ШОД МЕГИРАМ

Дилам ҳар шаб ҳаметаркад
Зи дарду доғи танҳоӣ.
Дилам ҳар шаб ҳаметаркад
Зи ранҷу ҷабри раҳпоӣ.
Аҷаб қисмат маро зору ҳазин карда
Дар ин дунёи пурсавдо,
Аҷаб қисмат маро як гӯшашин карда,
Гаҳе гирям ба ҳоли хеш
Чу абри навбаҳороне.
Вале пеши рақибон хандаҳоям бин,
Ки аз ман нест хушдилтар.
Худамро шод мегирам ҳамеша,
Ки манро нест дар дунё каму ғам.
Вале, эй ёри аз дарди ман огоҳ,
Агар сарпӯшаи дилро кушоям,
Бубин, сар мезанад зардобаи ғам…

## ГУНОҲ

Ғарқи гуноҳу боз ба худ тавба мекунам,
Аз он гунаҳ ба гардани худ шадда мекунам.
То ки бипӯшам он гуноҳи хешро даме,
Ҳар шом дар канори ту сад тавба мекунам.

Он тавбае, ки нест варо ҳеҷ этиқод,
Он тавбае, ки нест варо софии ниҳод.
Ҳар рӯз гуфтам айби худ иброз мекунам,
Лекин ҳаёт айби маро пеши ту кушод.

Он шаб, ки дар канори қарине буду гузашт,
Чун хотироти неку ғамине буду гузашт.
Он розҳо, ки дар дили шаб гашт нопадид,
Он ҷоми васл ҷоми ширине буду шикаст.

Ин буд он гуноҳи ман дар як шаби ҳаёт,
Ширин буду азиз чу як обаки набот.
Аз он гуноҳи шаҳд умедам зиёд буд,
Қисмат валек домани бахташ ба ман надод.

## МЕТАРСАМ

Шикваҳо аз рӯзгорат
Баҳри ман панде набошад,
Ишқи ту бо дигаре, дон,
Баҳри ман фанде набошад
Талх созӣ шаҳди васлат,
    лек ҷуз қанде набошад,
Ҳар азобат мекашам ман,
    гарчи даҳчанде набошад,
Лек метарсам ҳама ин боз ҷуз фанде набошад,
Аз ҳамон фанде, ки кардам,
Хешро расвои дунё,
Беҳтарин панде набошад.

## ЁДГОР

Маро ишқи ту қодир кард,
Маро ишқи ту шоир кард.
Бисӯзонд аз шуъои худ,
Қалам дар даст соҳир кард,
Нависам сирри ин қалби кабоб,
Нависам бар ҳақиқатҳо ҷавоб.
Нависам розҳои бас фаромушро
Дили саршори оташро,
Шудам шоир ман аз сӯзи муҳаббат,
Шудам шоир ба дунёи садоқат.
Ҳақиқатро ман имрӯзам чу хоҳад,
Наям аз духтарони зери чодар.
Ки меҳрам мурда гардад дар замирам,
Зи зӯри орзую ғам бимирам.
Манам як духтари озод имрӯз.
Парам бар сӯи коинот имрӯз.
Шудем андар тамоми ҷабҳа ҳоким,
Хирадмандему доноему олим.
Ҳама давр эътибори худ бидорем,
Ки мо аз Оли Сомон ёдгорем .

## ШАБИ ШИРИН

Ту яхи умеди манро об кардӣ,
Нахли хушки ҳастиам шодоб кардӣ.
Он шабе, ки аз тамоми умр ширин буд,
Тӯҳфаам ин давлати ноёб кардӣ.

Дарк кардам, ки кунун аз ту ҷудоӣ нест,
Баски дилро ҳам тавони роҳпоӣ нест.
Ҷуз зиёи ҷовидони офтоби ишқ
Дар раҳи фардои ман як рӯшноӣ нест.

## ИШҚ

Ишқ андар дил шарорест,
Оташи он синасӯз аст.
Синаамро гарм созад,
Оташи он ҷонфурӯз аст.

Ишқи беолоиши ту
Доруи дил, доруи ҷон.
Ахтари рахшанда бошад
Он маро дар роҳи армон.

Ишқи покат зинда дорад
Ёди ширини диламро,
Нек бинам бахти худро
Бо ту танҳо, бо ту танҳо.

## ҲАСРАТҲО

Ҳайфи умри гул баринам, бе туву танҳо гузашт,
Оҳи ман монанди ханҷар аз дили шабҳо гузашт.
Дар миёни пардаи шаб, ман дар оғӯши дигар,
Дил агар чанде намехоҳад, ба ҳасратҳо гузашт.

## ҶАВОНӢ ДАР ҲАМА
## ДУНЁ ШУКУФТА

Ҷавонӣ ҳусни инсон аст, ёрон,
Шукуфад чун гули фасли баҳорон.
Ҷавонӣ сарбаландӣ мепазирад,
Мисоли қуллаҳои кӯҳсорон.

Ҷавонӣ дар дили дунё нуҳуфта,
Миёни атри боронҳост хуфта,
Гаҳе борон, гаҳе ҳастем хуршед,
Ҷавонӣ дар ҳама дунё шукуфта.

Баҳорон боди анбарбез гардад,
Навои ҷӯи резорез гардад.
Даруни синаи тангу ҷавонам
Муҳаббат заҳри шаҳдомез гардад.

## МУҲАББАТАМ
## ХУДОИ МАН

Зи дури дурҳо шунав,
Муҳаббатам Худои ман.
Зи дури дурҳо шунав,
Суруди хушсадои ман.

Суруди ман чу турнае
Парида рафт сӯи ту.
Зи ҳар канори беканор
Намуд ҷустуҷӯи ту.

Суруди ман як ахтарест,
Дар осмони қалби ман,
Ба ғайри ин сарои пок
Надорад он дигар ватан.

Намеравад, намеравад
Суруди дил чу номае,
Ба ҳар касе, ки бошад ӯ
Кабӯтари дубомае.

## ГИРИФТОРАМ

Биё, эй бахти бедорам,
Биё, эй ошиқи зорам.
Туро бо он ҳама айбат
Ба ҷону дил харидорам.

Харидорам, харидорам,
Ба дил ишқи туро дорам,
Магар чашми дилат кӯр аст?
Зи ҳиҷрони ту беморам.

Намебинӣ, вафо дорам,
Вафодорам, вафодорам.
Ба марзи қалби ғамборам
Зи меҳрат донаҳо корам.

Гузорад реша дар қалбам,
Ниҳоли ишқи гулборам.
Туро умре гирифторам,
Гирифторам, гирифторам.

## ХАНДАИ МАН ХАНДАИ МАСТОНА НЕСТ

Хандаи ман хандаи мастона нест,
Хандаи ман оҳу фарёди дил аст.
Гарчи хандон аст рухи ман,
Рӯи дил бороны ғам,
Хандаи ман хандаи беҳосил аст.
Гарчи пеши дӯсту душман намоям чеҳра шод,
Хандаи манро набошад лек шодӣ дар ниҳод.
Хандаи ман хандаи мастона нест,
Хандаи ман оҳу фарёди дил аст.

## ЭЙ ДӮСТИ ҶОН

*(Ёде аз Ҷумъахон Ҳотамӣ)*

Ҳамеша ман бароят, дӯст, мотам гираму гирам,
Бароят, дӯст, дар ҳар як нафас сад бор ман мирам.

Бирафтӣ аз ҷаҳон, садҳо умеду орзу дар дил,
Аламҳои туро акнун зи хома гираму гирам.

Ҷавон будӣ, ҷавон рафтӣ, зи дунё ногаҳон рафтӣ,
Зи сахтиҳо натарсидӣ, ба пеши душманон рафтӣ.

Дилат месӯхт баҳри миллатат, эй родмарди ман,
Ҳамин мардонагият буд, зи дунё қаҳрамон рафтӣ.

Фақат як акси зебоят нишон дар хонадони мо,
Бубинам дар ҳамон сурат аҷаб хандон лабони мо,

Кунун ашкам бари рухсору ин бошад тамanoям,
Шавад ҷоят биҳишт, эй Ҷумъахон, эй ёри ғамҳоям.

## ШАҲРИ МАН

Шаҳри ман! Пайванди ҷонат ҷони ман,
Дар заминат сабз гашт армони ман,
Меҳри ту хун гашт дар шарёни ман,
Гар Бадахшон буд оғозам,
Хуҷанд анҷоми ман.

## ШАБИ ШОИР

Шаби шоир
Шаби дарди гарон аст,

Шаби шоир
Ғаму дарди ҷаҳон аст.

Шаби шоир
Давоми умри Хайём,

Шаби шоир
Давоми нотамом аст.

Шаби шоир
Шаби шеъру тарона.
Шаби розу ниёзи шоирона.

## ПУШАЙМОНӢ

Дар дашти сӯзони ҳаёт
Бардору дав, бардору дав.
Як лаҳзаи шодӣ набуд
Ғайри бисӯхтан дар алав.

Буд ёри ман як занмисол,
Ӯро ба сар садҳо хаёл,
Номардро мардӣ кунам,
Ин мардиям бошад ҳалол.

Ӯ зору ман безори ӯ,
Дар синаам озори ӯ.
Бошад пушаймон баъд аз ин,
Суде надорад кори ӯ.

## ИЛТИҶО

Мегурезам аз нигоҳи мардуми бесарпано,
Мегурезам аз нигоҳи мардуми зору гадо.

Мехӯрам сад дарду ҳасрат, ки надорам қудрате,
Мекунам ман рӯ ба даргоҳи Худо,

Кош чун Ҳотам ҳазорон моли дунё доштам,
То ба пеши ин гадоён ҳамчу гандум коштам.

Шод мекардам ҳама бечораи тоҷикро,
Дарду ҳасратро зи дил як лаҳза мебардоштам.

То ки бегона набинад зории тоҷикро,
То ки бегона набинад хории тоҷикро.

Он, ки мехоҳад бубинад ранҷҳои халқро,
Ӯ бигӯяд ҳар куҷо беории тоҷикро.

Ҳайф, ин қудрат, ки дар ман нест, эй бори Худо,
Мехӯрам ҳамроҳашон ғамҳои халқи бенаво.

Ман ягона қудрате дорам бигӯям бар шумо,
Илтиҷо дорам ҳама инро зи даргоҳи Худо.

## САРНАВИШТ

Чун ба дунё омадӣ,
Дар китобе –
Ҳаст номаш Сарнавишт.
Рузи тавлидат варақгардон шавад,
Як ба як ҳар рӯзи умрат аз қафои ту
Туро ҷӯён шавад.
З-ин сабаб гардӣ бузургу дарк созӣ,
ки ҳар он чи гуфт
Ин китоби Сарнавишт,
Қисмати ту он шавад.
З-ин сабаб ту такя месоз
Бар Худову розӣ шав бар қисмате, ки додааст,
Нест аз қисмат туро ҷои фирор,
Дӯстам, дар ёд дор,
Дар ёд дор!

## РОНДАШУДА

Аевад бинмудӣ роҳи умрам,
Музмар зи ман нигор дорӣ.
Ин дил, ки чу залом сиёҳ аст,
Пас чи талаби ҳазор дорӣ.

Ангора бимонда ишқи аввал,
Тангтоб шуда зи ишқи дигар.
Оташ ба дил бигардӣ олам,
Ай рондашуда аз дари дилбар.

Гуфтӣ, ки манонм дидаи ту,
Тақбил намуда пушти дастам.
Тоғун, ба ман чи роз гӯӣ,
На дилбарӣ ту, дигар кас ҳастам.

Ман комуси худ дигар намудам,
Ман рӯю танам зи сар намудам.
Заргом шуда, зи дарди марде,
Ман марди худа, зи сар намудам.

Ман хулла ба тан намуда имрӯз,
Ба сӯи чаман раҳ гирам.
Дар рӯзи наву насими Наврӯз
Кофиз зи нав ба даст гирам.

---

Аёват – сиёҳ.
Залом – торикӣ
Тангтоб – беқувват, заиф
Манонм – хоб дидан
Тоғун – иблис, шайтон
Заргом – шер
Кофиз – паймона

Музмар – пинҳон
Ангора – нотамом
Таш – оташ
Такбил – бӯсидан
Комис – пираҳан
Хулла – ҷома

## БИГӮ

Зи байни баднигоҳу бадгуҳарҳо,
Зи байни кинаву теғи назарҳо,
Туро меҷӯям аз ҳар кишвари ишқ,
Аҷаб гумгаштаӣ, эй ишқи пайдо.

Туро ҷӯям зи ҳар кунҷу канора,
Туро ҷӯям зи шоми пурситора.
Маро мебинию медонӣ дардам,
Бигӯ! Ту аз куҷо дорӣ назора?

## ШОИР

Маро ин ишқ дилгир кард,
Маро ин ишқ шоир кард.

Бисӯзонд дар шуъои худ,
Қалам дар даст занҷир кард.

То нависам сирри ин дили кабоб,
То нависам бар ҳақиқатҳо ҷавоб.

То нависам розҳои хомӯшро,
Сарнавишти ин дили дар ҷӯшро.

Сӯзи ман дар сина хомӯш аст ҳанӯз,
Рози ман дар сина рӯпӯш аст ҳанӯз.

Шудам шоир аз сӯзи муҳаббат,
Шудам шоир дар роҳи ҳақиқат.

Ҳақиқатро ман имрӯзам қодир,
Наям аз духтарони зери чодир.

Ки меҳрам мурда гардад дар замирам,
Зи зӯри орзӯб ғам бимирам.

Каниз буданд тамоми умр ба хона,
Миёни чор девор дилхунона.

Чи хуш, мо як зани озод имрӯз,
Парем бар сӯи коинот имрӯз.

Шудем андар тамоми ҷабҳа ҳоким,
Хирадмандему доноем олим.

Занем ҷавлон дар ҳар кору меҳнат,
Занем ҷавлон дар роҳи ҳақиқат.

Шудем озоду нерӯманди даврон,
Тамоми умр бошем шоду хандон.

Бидонед! Эй азизон дили шоир,
Ки дар роҳи муҳаббат аст қодир.

Зи сӯзи он қалам бар даст гирифтам,
Ба зӯрии муҳаббат гашта қоил.

Ба ҳар давр эътибори худ бидорем,
Ки мо аз Оли Сомон ёдгорем.

## ДАВОМИ НОТАМОМ

*Барои шоири шаҳиди Дарвозӣ–Баҳрин*

Эй рафтагони аз ёд,
Эй рафтагони ношод.
Мондед аз бари мо
Бас пораҳои абёт.

Лекин куҷост имрӯз
Фарёди қалби зоре,
То баҳри ин бузургон
Боло кунад шиоре?

Хезад зи қаҳри дилҳо
Имрӯз сад каломе,
Мо баҳри Баҳрин астем
Оғози сад мароме.

Бояд давом бидҳем
Сад шеъри нотамомаш.
Бояст зинда созем
Дар синаҳо каломаш.

Аз баҳри Баҳрин имрӯз,
Сад ҷону дил фидо аст.
Аммо садои аслаш
То ҳол бесадо аст.

## САВТУ НАВОЯТ ЗИНДА АСТ

*Барои Борбад*

Аз қаъри дунёи куҳан
Ояд ба ғуши дил садо.
Оҳанги қалби Борбад
Аз байн гум шуд гӯиё.

На, ин садои бехатост,
Чун зинда сози Борбад.
Байни ҳаводорони ӯ
Поянда сози Борбад.

Гӯё навои Борбад
Дар синаи ӯ мурд, мурд,
Не, не садояш зиндаст,
Бо худ ба ҷуз як дард бурд.

Табли ватанхоҳӣ задӣ
Бо чангу ноят, Борбад.
Дар санъати хунёгарӣ
Мо ҳамсадоят, Борбад.

Андар дили ман ҷо гирифт
Меҳри зиёдат, Борбад.
Бо шеъри тар созам мудом
Ман ёду ёдат Борбад.

# АЗ КӮТАҲИИ БАҲОРИ ХУД ҒАМНОКАМ

Аз кӯрдилию зиштии кинаварон
Кай гардад сабз гулшани армонам.

Гар шеър барояд аз замири дили ман,
Бо ханда зананд санг бар дандонам.

Гаҳ ханда зананд қалби бишкастаи ман,
Гаҳ кач нигаранд дидаи намнокам.

Ғамгин наям аз хусумати кинаварон,
«Аз кӯтаҳии баҳори худ ғамнокам».

## ХУДОЁ, ПОК БИНМО
## МАРЗИ ТОҶИК

Оҳ, ки имрӯз
Пеши чашми кулли олам,
Рӯи тоҷик гард дорад.

Оҳ, ки имрӯз
Модаре аз марги фарзанд
Мекашад фарёди дардолуду
Оҳи сард дорад.

Оҳ, ки имрӯз
Чеҳраи зебову сабзи ин замини тоҷикон

Аз балои ноҷавонмардони миллат
Ранги дарду зард дорад.

Оҳ, ки имрӯз
Боз садҳо гӯри нав пайдо шуд андар марзи тоҷик.

Хоки меҳан дар дили худ мурдаҳои мард дорад.

Оҳ, ай бори Худоё,
Пок бинмо марзи тоҷик,
Аз хиёнат,
Аз разолат
Аз ҷаҳолат.

*Маскав, тобистони 1992*

## ФАХРИ МИЛЛАТ

*Ба устод Абдулло Назрӣ мебахшам*

Садои ту садои сеҳрнок аст,
Кунад ҷону дили ҳар фард мафтун,
Барӣ гар даст бар тори рубобат,
Бирезад савтҳо аз нӯги нохун.

Сад оҳангат ба дилҳо ҷӯр гардад,
Барад аз сина сад дарду аламро.
Дили ошуфтае масрур гардад,
Кунад оҷиз ба тасвираш қаламро.

Садои ту ба дилҳо рӯҳ бахшад,
Барад аз сина дарди ноумедӣ,
Умеде бар дили маҷрӯҳ бахшад,
Ба шоми зулмате орад сапедӣ.

Чу ой бар диёри кӯҳсорон,
Шавад он ҷо танинандоз овоз,
Шавӣ чун булбуле он ҷо ғазалхон,
Бигӯяд марҳабоят мулки Дарвоз.

Дили худ ҳадя созем аз бароям,
Бидон! Эй кабки хушовои Дарвоз.
Ҳама дилдодаи созу садоям,
Бидон, эй булбули яктои Дарвоз!

Ба ту гӯяд ташаккур насли тоҷик,
Ки додӣ равнақе ганҷи ниёгон,
Зи номи халқи Дарвозат бигӯям,
Ту фахри миллатӣ дар Тоҷикистон.

# ДУБАЙТӢ ВА РУБОИҲО

Нигаҳбони манию сарвари ман,
Ду нури рӯшани чашми сари ман.
Китобе, ки зи ғамҳоят навиштам,
Чу Қуръони муқаддас дар бари ман.

Равам боғу кушоям саҳфаи роз,
Шавам бо булбулон он ҷо ҳамовоз.
Ба тасвираш наёбам ман каломе,
Аҷаб зебост сар то пои Дарвоз.

Зи кӯҳсори ту ҳоло лолачинам,
Бихоҳам дарду доғатро набинам.
Назар кардам ба кӯҳҳои бузургат,
Аҷаб зебоӣ, мулки нозанинам.

Насимат атрбез аст, эй кӯҳистон,
Туро ман дӯст дорам аз дилу ҷон.
Шудам маҳви тамошои ҷамолат,
Аҷаб шомат базеб асту гулафшон.

Тамоми шаб нишастам рӯи дафтар,
Ҳама дардам ба ӯ гуфтам саросар.
Ягон аз панди бар ман додаи ӯ,
Наомад лек бар қисмат баробар.

Ба дил дарду азобат бор бошад ,
Зи ғамҳо қалби ман афгор бошад.
Ҳама ин мушкиламро дода тақдир,
Бинои ишқи ман подор бошад?

Ниҳоди ман ҳама шӯру шарор аст,
Сиришкам гар чу борони баҳор аст.
Нанолам ман зи дарди ишқ ҳаргиз,
Муҳаббат додаи Парвардигор аст.

Дар лолаи тар куртаи алвон дорам,
Аз дарди ҷудоӣ дили бирён дорам.
Аз дурии ту дар ин баҳори зебо,
Чун абри баҳор ашки резон дорам.

Дар сина алоби лахчагӣ монду бирафт,
Ин доғ ба ман дар бачагӣ монду бирафт.
Кулвори алам ба дӯши ман афканда,
Ҳасрат бари ман ҳамешагӣ монду бирафт.

Дар дашту биёбони ғамат сарсонам,
Аз дарду аламҳои ту бедармонам.
Пеш аз маргам биё сари болинам,
Ҳамраҳ набарам то ба лаҳад армонам.

Як одами шод, ман надидам имрӯз,
Оҳи ҳама аз сина барояд пурсӯз.
Дилро набувад ҳавас ба ғамҳои ҷаҳон,
Ин сина диҳад садо, ки Чашмат медӯз!

Сафед мӯи ман аз фикри ту бошад,
Садои умқи дил зикри ту бошад.
Таманное ба дил дорам ҳамеша,
Таманно дидани рӯи ту бошад.

Бихоҳам ман каноратро ҳамеша,
Агар ой ба пеши ман, чӣ меша?
Ҷудоиро гузинӣ ту ҳамеша,
Занӣ бар решаи ишқам ту теша

Туӣ истораи бахт дар самоям,
Туӣ бо ҷон баробар, бевафоям.
Агар чанде дили ман аз ту сард аст,
Нигаҳбонат ҳамеша бод Худоям.

Мусалмонзодагоне дар заминанд,
Худовандо, дигар хорӣ набинанд.
Ҳамеша Рӯзие деҳ баҳри онҳо,
Ки махлуқи туву бо ту қаринанд.

Агарчи ман чу садҳо дида гуфтам,
Даруни қалби касро дида гуфтам.
Аз ин пасту баландиҳо гузашта,
Ҷароҳатҳои дунё дида гуфтам.

Ҷаҳони қалбро пуршӯр дидам
Ҳақиқатро зи майдон дур дидам.
Шунидам ман садои ҳар дили зор,
Садои ҳар дила ноҷӯр дидам.

Туро рӯзе миёни роҳ дидам,
Аҷаб, бо душмане ҳамроҳ дидам.
Наомад боварам бар ин ҳақиқат,
Чи шуд бар ту, туро гумроҳ дидам.

Аё, эй дил, басо бар сар намудӣ,
Ҳазорон роҳро дигар намудӣ.
Чу садҳо аҳди ту бишкаста дидам,
Маро дар назди худ кофар намудӣ.

Диле дорам, саропо худ вафо аст,
Агарчи бо хатоҳо беҷазо ҳаст.
Диле бе кинаву пок аст, ай ҷон,
Ки он бахшидаи Мавлои мо аст.

Худоё, ҷомаи меҳрам дарида,
Агар васла занам, рангаш парида.
Дар ин дунёи пуркулфат замине
Магар битвон муҳаббатро харида.

Даруни қалби ҳар як тирашаб ман
Ҳазорон дардро бинҳуфта дидам.
Бирафтам чун даруни баҳр рӯзе,
Ҷаҳон гавҳари носуфта дидам.

Аҷаб дунё, саросар шӯру исён,
Аҷаб дилҳо, саросар дарду армон.
Ҳазорон шукр аз он ки меҳанам ҳаст,
Самояш баҳри ман истораборон.

Хитоб омад зи гардун бар мани зор:
«Зи ҳарфи бад забонатро нигаҳ дор.
Бихоҳӣ некӣ кардан бар раҳи Ҳақ,
Бикун ҳар одами дилмурда бедор.»

Китоби умри мо маъно надорад,
Гаронқимат, вале савдо надорад .
Ҳамин хушбахтиҳои рӯи олам,
Магар робитае бар мо надорад?

Сарукори ҷаҳон осон бибошад
Яке шоду дигар нолон бибошад.
Яке заҳмат кашад то охири умр,
Каси нокас шаҳи майдон бибошад.

Нигоҳи зан каломи ҳасрати ӯст,
Зи кулфат ӯ надорад ранг дар пӯст.
Чу модар ҳаст, ҳам баста забонаш,
Аз он ки мор ҳам парвардаи ӯст.

Ман он дегам! Дарунам ғам биҷӯшад,
Ман он сӯзам, ки мардум дида пӯшад.
Ман он ҷаҳлам, зи хуни хеш хӯрда,
Зи дастам душманам заҳроб нӯшад.

Дар самои қисмати ман, то ба имрӯз,
Ахгаре набвад маро дилсӯзи дилсӯз.
Ман намехоҳам бигӯям талхии умр,
Хомаам ифшо кунад! Афсӯс, Афсӯс…

Даруни, хонаи ғамҳо асирам,
Магар дар шаҳри пурғавғо бимирам.
Расад фарёди қалбам то ба гардун,
Худоё! Нест ёри дастгирам.

Дили садпора бедарбеҳ бимонда,
Ғами шаҳрам, даруни деҳ бимонда.
Аё модар, нишони охиринат
Ба сина ҳамчунон дарбеҳ бимонда.

Дили пурхуни модар зор зор аст,
Зи марги гулписар андӯҳдор аст.
Надида чун ба чашмаш марги фарзанд,
Ба роҳаш бо умеде интизор аст.

Дили модар, дили поки замона,
Ба сахтиҳо нигаҳ дорад занона.
Ва меҳраш дар дили мо ҷовидона,
Зи дарди мо бисӯзад, бекарона.

Зи бемеҳрӣ ҳама кас хор бошад,
Бародар бар бародар зор бошад.
Ва оне, ки нафаҳмад оқибат чист,
Ба дарди бекасӣ бемор бошад.

Сарои зиндагӣ оташниҳод аст,
Ки гӯӣ ҷони ту андар ҷиҳод аст.
Агар дорӣ ба сар як зарра ақле,
Ба инсон аз ҳама қимат савод аст.

Сиришки ман дили дарё бишӯяд,
Дили пурғам, сари танҳо бигӯяд.
Зада сарро ба садҳо санги хора,
Ба мулки беғамиҳо роҳ ҷӯяд.

Бо гунoҳи ман гунаҳбардор ту,
Аз суханҳои бадам озори ту.
Аз азобу кулфатам беморӣ ту,
Дар даруни қалби ту захми ниҳон.

Ин ҳама ғам, ин ҳама дарди гарон,
Ҳаст аз дурии рӯят, ёри ҷон,
Эй Худоё, баҳри ин гулкӯдакон,
Бе падар андӯҳи танҳоӣ гарон.

Ситеза бо замона ногузир аст,
Азобу тӯҳматаш бас сахтгир аст.
Аз ин бишкаста қадру қимати кас,
Агарчи қимати кас беназир аст.

Замона бо дили мардум чиҳо кард,
Бизад ханҷар ба ҷонаш, иштиҳо кард.
Ҳамоне, ки бирезад хуни ноҳақ,
Бидон! Дар назди халқаш иштибо кард.

Хитоби сад китобӣ, эй замона,
Ба пастиҳо шитобӣ, эй замона.
Сари ту кардаам андеша бисёр,
Саволи бе ҷавобӣ, эй замон.

Дили кӯҳҳои мо пурганҷ бошад,
Ҳаёти мо вале пурранҷ бошад.
Куҷо бошад равон ин давлати мо?
Азоби зандагӣ садчанд бошад.

Дили ман чун дили шабҳо сиёҳ аст,
Саҳар то шом ҳоли ман табоҳ аст,
Макун хашмӣ, ки резам обрӯят,
Агарчи шавҳар астию гуноҳ аст.

Китоби умри ғамҳо нонавишта,
Ба марзам тухми некие накишта.
Даруни хирмани беҳосили ман,
Бубин, садҳо кулоғи шум нишаста.

Худоё! Эй Худованди ягона,
Ҳама чизам бидодӣ бекарона.
Надодӣ лек, дардо, зррае ақл,
Задӣ дар сина сад доғи замона.

Бубин, дунё ба ҳоли мо бихандад,
Агар садҳо кунам бад, ӯ писандад.
Агар, ай ёр, мо ҳамдил набошем,
Дари қисмат ба рӯи мо бубандад.

Маро андар даруни ман бичӯед,
Агар бад кардаам, бо ман бигӯед.
Агар кардам гунаҳ дар назди халқам,
Гуноҳамро ба хуни ман бишӯед.

Маро дунё даруни дил бигирад,
Баду неки маро бо худ пазирад.
Бишӯям қалби худ бо оби раҳмат,
Ки меҳрам дар дили халқам намирад.

Агар сад шер андар беша бошад,
Сарои некиҳо андеша бошад,
Ба хунсардӣ биёбад умр поён,
Бақои нахлҳо дар реша бошад.

Дили лола сиёҳ асту сиёҳ аст
Ва ҳар баргаш ба хуни дил паноҳ аст.
Баҳорон баҳри ёрат тӯҳфаат хуш,
Агар қадраш надонӣ ту, гуноҳ аст.

Худоё! Хонаи ғамҳо насӯхтӣ,
Даруни сад алав ғамро напухтӣ.
Ба мо додӣ ҳазорон ранҷи дунё,
Ба дарди мо якумрӣ дида духтӣ.

Макони ғам дили танҳои танҳост,
Нидои ғам шикофанда дили мост.
Намедонӣ, ки ғамҳоро насаб чист?
Хитобе ҳаст, номаш мушкилиҳост.

Бигӯянд: ар Худоят дӯст дорад,
Туро дар коми ғамҳо месупорад,
Худо бахшанда ҳаст, эй халқи содда,
Туро дон, ки ба санҷиш мегузорад.

Худо бахшандаи бахшандаҳо ҳаст,
Аз ӯ пайғамбару Мавлои мо ҳаст.
Дили бардам, тани сиҳҳат аз ӯ бод,
Ба мо то рӯзи раҳмат такягоҳ аст.

Бигӯяд: Шӯи ту худ қиблагоҳ аст,
Туро дар зиндагӣ пушту паноҳ аст.
Ту қадри шавҳарат медон, аё зан,
Ки беқадрӣ ба ӯ умре гуноҳ аст.

Туро гар некие, кардаанд, эй зан,
Агар дастат расад, садчанд гардон.
Ту меёбӣ шукӯҳу моли дунё,
Ба даст овардани дил нест осон.

Маро дар ман, маро дар ман бичӯед,
Мисоли дона дар хирман бичӯед.
Зи пуштам носазо ҳаргиз нагӯед
Ва айби худ, ба дасти худ бишӯед.

Магӯ бад мардумони бегуноҳро,
Мазан санге каси бемутаккоро.
Агар хоҳӣ бирезӣ, хуни ноҳақ,
Ба ёд овар ҳамон лаҳза Худоро.

Худо дунёст, дунёдор моем,
Худо бахшанда, дилозор моем.
Агар бидҳад ҷасорат лаҳзае чанд,
Фасона дар сари бозор моем.

Яке дар ғам, дигар бин, тӯй дорад,
Яке бева, дигар бин, шӯй дорад.
Яке дар зандагӣ чизе надида,
Дигар дар роҳи чашмаш мӯй дорад.

Гуле дар ҷисми худ сад хор дорад,
Ҳазорон ғусса дар худ бор дорад.
Шавад тӯҳфа агар бар дарди нокас,
Зи дасти ӯ басе озор дорад.

Диле дар сина дорам, санг гашта,
Ва дунё, аз бароям танг гашта.
Намехоҳам, Худоё, зиндагонӣ,
Баҳори зиндагӣ беранг гашта.

Куҷо шуд шӯҳрати беинтиҳоям,
Чи хуш буд, ай Худоё ибтидоям.
Занам фарёд аз қалби шикаста,
Ба гӯшат мерасад оё садоям?

Биё бо мо, ки мо зори касонем,
Кушо дарро, ки мо бехонумонем.
Бихон бар хонаат, эй соҳиби дар,
Ки мо аз тоҷикони қадрдонем.

Бигӯяд меҳмон «лутфи худо ҳаст,
Зи даргоҳаш барои мо ато аст»,
Ай, ай ҷони ҷони сахтгирам,
Бидон! Беқадрӣ бар меҳмон хато аст.

Туро аз бом то арш аст манзил,
Туро гӯянд, аз фардони оқил.
Надонистӣ сарозерии қисмат,
Чаро ту аз баландиҳоӣ ғофил?

Саманди хотирам гулгуннажот аст,
Миёни сад самандаш хуш сифот аст.
Бирезам шаршара аз хотиротам,
Бинӯш умре, ки ин оби ҳаёт аст.

Гаҳе хони ту худ донои доно,
Занӣ бар пастӣ сад марди тавоно.
Туро ғофил кушанд охир, надонӣ,
Ба дасти нокасу номард, ҷоно.

Касе бад кард, сад некӣ ба он кун,
Машав мағлуб, кори қаҳрамон кун.
Макаш ханҷар ба қасди ҷони нокас,
Ба қасди бад ҷиҳоди ҷовидон кун.

Макун ғайбат, ки ғайбатбор бошӣ,
Ба назди кас гули пурхор бошӣ.
Марезон обрӯ бо гап кашидан,
Ки мисоли як зани беор бошӣ.

Ҳасад кирмест андар қалби мардум,
Ба қаҳр ояд, шавад дар ҷисми ту гум.
Ба роҳи рост не, бад раҳсипор аст,
Кунад касро ба назди якдигар шум.

Вафо дар ошиқӣ зеру забар ҳаст
Ва ошиқ аз ғами худ бехабар ҳаст.
Гумон, ки бахти якрӯза чу сол аст,
Намедонам, ки ҳаррӯзаш батар ҳаст.

Биё, бо мо, ки он ғамдида моем,
Ба некиҳои карда дар ҷазоем.
Бидонад дарддида қадри онро,
Худовандо! Ҳамеша бо шумоем.

Шабонро рӯз созӣ дар хаёлам
Ва ман дар ёди ту афсурдаҳолам.
Кашам танҳоӣ бе ту, ёри ширин,
Расад бадкардаро рӯзе уболам.

Ту гуфтӣ, коҳ дар каҳдон бипӯсад,
Ба рӯи ту ҳазорон дида дӯзад.
Ту бовар дорӣ бар гапҳои мардум,
Илоҳӣ хонаи душман бисӯзад.

Бирафтӣ ту, ба ман чизе нагуфта
Ва гарде аз дили зорат нагуфта.
Маро дар сина сад дардам нуҳуфта,
Даруни сина сад дардам нагуфта.

Бисӯзад ҷои ту дар қалби зорам,
Дами субҳу ба роҳат интизорам.
Куҷо дасти дарози қисмати ман,
Ки боз ойию гирӣ дар канорам?!

Чӣ ғамҳоро бароям офаридам,
Чӣ давронҳо ба ту роҳат надидам.
Худоё! Ту чӣ кардӣ бар мани зор,
Ки хушбахтии қисматро надидам?!

Ту дар зиндону ман беруни онам,
Бисӯзад мисли ҳезум ҷисму ҷонам.
Хато кардам, хатои ҷовидона,
Худамро баъд аз ин инсон нахонам.

Ҳамедонам, ба ҷонам дуст дорӣ,
Ва ҷонатро ба ҷонам месупорӣ.
Дар ин мушкилтарин соат биднам,
Ба ҷо овардаӣ ту қарзи ёрӣ.

Дили худро ба дастат мусупорам,
Бигиру пора кун, боке надорам.
Ту шояд он замон донӣ, ки умре
Туро ёрам, фақат баҳри ту ёрам.

Ту бооριву номусию мардӣ,
Ки фикри як мани танҳо бикардӣ.
Ҷавонмардона манро ҳифз карда,
Гуламро ту надодӣ дасти сардӣ.

Худо бахшад гуноҳи бегуноҳон,
Худо бахшад туро, эй ҷону ҷонон.
Махӯр ғам, сарнавиштат гар чунин аст,
Ба мо сабру таҳаммул дода Яздон.

Каме тоқат ба ӯ бахшо, Худоё,
Даме роҳат ба ӯ бахшо, Худоё.
Кунам эҳсос армони дили ёр,
Тани сиҳҳат ба ӯ бахшо, Худоё.

Ту пазмонӣ, ҳама мо бо дили зор,
Ба ёд орӣ ҷигарбандонат, эй ёр.
Тасаллоят диҳам бо қалби хунин,
Махӯр ғам, лаҳзаи хушбахтӣ бисёр.

Тамоми умр шукратро гузорам,
Пазирам миннатат, парвардигорам,
Ки дар он гӯшаи танҳову дард,
Гирифтӣ дар паноҳи хеш ёрам.

Дар ин дунё, ки ёрон кам бимонда,
Ба ҷои рӯзи шодӣ ғам бимонда.
Зи ашки шашқатору сӯхтанҳо,
Сарои бахти ман дар нам бимонда.

Ба боғи хотирам гулҳо хазон шуд,
Дилам аз баҳри зоғон ошён шуд.
Дар ин бозори бемеҳрии дунё,
Вафодоре надидам, ҷовидон шуд.

Чи хамгашта ниҳоли нозанинам,
Зи дарди дурият, ҷоно, ғаминам.
Биё, бин чеҳраи афсурдаи ман,
Ҳазор ожанги қисмат дар ҷабинам.

Биё, ёро, даруни дида ҷоят,
Ба ёди ман бувад хуш некиҳоят.
Ба гулзори хаёлоти парешам,
Насими меҳри ту аз дур ояд.

Ба мо, ки ёрии ёрон маҳол аст,
Худат бину бигӯ: моро чӣ ҳол аст?
Дар ин дунёи пур аз макру ҳиллат,
Хиёнат кардани ёрон убол аст.

Падар саркардаи ҳар хонадон аст,
Падар тан бошаду фарзанд ҷон аст.
Насиҳат ё навозишҳо намудан
Русуму одати соҳибдилон аст.

Дили модар чу оташпора сӯзад,
На як рӯзу шабе, ҳамвора сӯзад.
Ба вақти гирудори қисмати шум
Ба фарзанди ҳама сайёра сӯзад.

Дили хоҳар дили садпора бошад,
Ба наздики аҷал бечора бошад.
Диҳад аз даст нерӯи дили худ,
Агар танҳо шавад, овора бошад.

Замони беғамӣ ҳам вақт дорад,
Худо дода, валекин мешуморад.
Агар ту лоиқи доди Худоӣ,
Туро бар тахти заррин мегузорад.

Агар боре ҷавон ғамбор мирад,
Ба ҷисми хаставу афгор мирад.
Бадон, ӯ рехта бас хуни ноҳақ,
Ба зери сад гуноҳаш зор мирад.

Ба хунрезӣ зи нав пайғом карданд,
Замони тинҷ ноором карданд.
Бигуфтанд аз мақоми номи тоҷик,
Ба назди хасм худ бадном карданд.

Ватан гашта ба худ соҳибмадоре,
Нарезад, ай Худоҷон, хуни зоре.
Ту раҳм андоз бар қалби хатокор,
Ки рӯзи сахт н-орад бар диёре.

Барои худ бигряд зор-зоре,
Ки аз ишқ аст акнун дилфигоре.
Тамоми шаб бисӯзад дар ғами ёр,
Зи ғам хӯрдан варо набвад мадоро.

Даруни ғунча худро ҷо бикардам,
Дари дилро ба рӯят во бикардам.
Сари кӯҳсори қисмат раҳ кашида,
Зи хурсандӣ туро ово бикардам.

Туро аз мавҷаи дарё биҷустам,
Гаҳе пинҳон, гаҳе пайдо биҷустам.
Бидидам, ки намеёбам нишонат,
Туро дар кишвари дилҳо ҷустам.

Биё, бар мардуми чашмам назар кун,
Сипас пеши манат азми сафар кун.
Ҳамон вақте, ки кардӣ бовари ман,
Маро он вақт аз ишқат хабар кун.

Ту аз мо зиштӣ нею покӣ омӯз,
Ту аз мо қудрату бебокӣ омӯз.
Биояд сахтиҳо дар роҳи умрат,
Машав навмеду ту чолокӣ омӯз.

Дило, аз худ хирадро дур дидӣ,
Чароғи маърифат бенур дидӣ.
Дари зулмат ба дасти худ кушода,
Ба бинои ту худро кӯр дидӣ.

Дили лола барои чӣ сиёҳ аст
Зи дард он сӯхта, ё иштибоҳ аст?
Наёбад рози инро ҳеҷ ошиқ,
Агарчанде надонистан гуноҳ аст.

Китоби беҳисобӣ, эй ғами ман,
Ту умре дар ҳиҷобӣ, эй дили ман.
Бароят рӯзу шабҳо зор гирям,
Зи кулфатҳо харобӣ, эй дили ман.

Маро дар кураи оташ гудозанд,
Зи хоки ман тани солим бисозанд.
Ғаму дарди маро дар рӯзи охир,
Ба ноии беғамиҳо менавозанд.

Худоё, дар нигоҳат чун намоям?
Чу як саргаштаи ҳомун намоям?
Агар шак оварам бар номи покат,
Зи даргоҳат, дигар берун намоям.

Назар созам ба дуриҳои гардун,
Зи офат халқи олам гашта дилхун.
Ҳама солу ҳама соат, ҳама рӯз,
Бувад ҳар қитъаи дунё дигаргун.

Ба дунё, дон, ки дунёдор бисёр,
Зи марди бохирад айёр бисёр,
Зи ҷаҳлу қаҳру кину макри одам,
Намирад одамӣ бенангу беор.

Чи кӯҳҳо, чордевори азиманд,
Ҳама гулбутаҳо айни ҳакиманд.
Агар аз меҳрубониҳо бигӯям,
Ҳама мардони деҳ марди ҳалиманд.

Маро дар курраи тилло гузоред,
Валекин, яккаву танҳо гузоред!
Зи доғи бекасиҳо нест мушкил,
Маро дар байни одамҳо гузоред.

Сари роҳи маро аждар гирифта,
Саропо ноумедӣ баргирифта.
Чӣ розе рӯи дафтар мебиёрам,
Ҳақиқатро бидон, дар бар гирифта.

Биё, мо зиндагӣ бозему бозем,
Ҳама садди ҷаҳонро рахна созем.
Шикофида дили сад санги хора,
Ба мулки дил мисоли Вахш тозем.

Агар ту аз манӣ, ман аз касонам,
Ту хуб астию ман номеҳрубонам.
Ту ҷонатро нисори ман намудӣ,
Дареғо, қадри некият надонам.

Ту мавлоӣ, дили сад бехудоӣ,
Шиноси сад дили ноошноӣ.
Сифотатро чӣ бардорӣ ба гардун,
Ту ҳам монанди мо марди Худоӣ.

Маро дар гулхани ман тоб доданд,
Маро дар наҳри бе ман об доданд.
Маро бурданд пеши рӯи ёрам,
Канори ин таҳамтан хоб доданд.

Дилат як бешаи пурбаргу бор аст,
Дарахти орзуям мевадор аст.
Назар бар осмони пок андоз,
Самои қисматам исторазор аст.

Бимон, то дар дили армон кунам ҷо,
Канори худ туро чун ҷон кунам ҷо.
Наёбад то рақиб овозаи ту,
Туро дар рози дил пинҳон кунам ҷо.

Биё, ту сина мон дар синаи ман
Ва бишнав ҳасрати деринаи ман.
Дар ин бозори бемеҳрии дунё,
Туӣ қиматтарин ганҷинаи ман.

Ту кардӣ ёд фарзандони худро,
Фикандӣ байни оташ ҷони худро.
Агар як лаҳзае, ки метавонӣ,
Ба ёд овар мани сарсони худро.

Шабеҳи он гулам, ки пеши бодам,
Шабеҳи сад гиреҳ, ки нокушодам.
Ту дида меҳрубонии мани зор,
Бигӯӣ: як зани бас дилкушодам.

Сарои пок нопокӣ надорад,
Дили пуртарс, бебокӣ надорад.
Қиёсам кун ҳамеша бо ҳақиқат,
Ҳақиқат ҳеҷ шаккокӣ надорад.

Туро бо номи худ савганд додам,
Ба наздат хешро ман фанд додам.
Ту аз ин шукр кун, ай ҷони содда,
Туро бо насли худ пайванд додам.

Маро бар гӯшаи дилҳо гузар нест,
Зи ҳоли зори муштоқон хабар нест.
Бидон! Дар гирудори зиндагонӣ,
Зи ман хунхортар, хунхортар нест.

Бикардам қалби худ бо теғ пора,
Бишуд зардобу ман кардам назора,
Даруни дил бидидам, вой-войе,
Фароҳам захму дарди бешумора.

Ба ғам хӯрдан наарзад кори дунё,
Агар бахшӣ ту ҷонатро саропо.
Ба ту гӯям: макун беҳуда афғон,
Диле дорӣ агар монанди дарё.

Дили ман зори зори зори зор аст,
Дили ман зор бар дидори ёр аст.
Ба руӣ бистари хокиям, ай ҷон,
Ҳама шаб ашки ҳасрат шашқатор аст.

Туро дар курраи дил мегудозам
Ва бо ҳар тори қалбам менавозам.
Ба вақти ҷустуҷӯ фарёд созам,
Зи байни мардумон донӣ авозам.

Агар н-ой ба сарвақтам, бимирам,
Ки меҳру бевафоият пазирам.
Ба дунё омадам аз баҳри ту ман,
Дар он дунё ту бошӣ дастгирам.

Хитоб омад зи гардун бар мани зор:
Зи пур гуфтан забонатро нигаҳ дор.
Ба мо панде бузургон гуфта буданд,
Ки пайғамбар буда безори ин кор.

Мо куртаи наврӯзӣ ба бар бинмудем,
Мо тоқии гулдӯзӣ ба сар бинмудем.
Аз сина баровarда ҳама дарду алам,
Гӯши фалак аз ғулғула кар бинмудем.

Андар ватанам, шаршараҳо бисёр аст ,
Дил об шудасту дар хумори ёр аст.
Ту дард накаш дур аз ватан аз бари ман,
Он ҷонаки ту барои ман даркор аст.

Дар кишвари ҳусни мо гули лолаӣ ту,
Дар марзаи дил ғами дусадсолаӣ ту,
Рафтӣ ба ғарибиҳо, наомад хабарат,
Ай ғам бимурад ин маҳи беҳолаи ту.

Сад ҳайф, ки дар хирмани мо гандум нест,
Монандаи мардумони мо раҳгум нест.
Аз ҷабри замонаву азоби даврон,
Андар лаби мо гапи «биё, хандум!» нест.

Ҳар шоҳу вазире, ки пайи ном шуданд,
Онҳо сари худ хӯрдаву гумном шуданд,
Аз кибру ғурури худ, бубин, ки имрӯз
Аз асп фитода, пайи анҷом шуданд.

Дар шоми ғалат ду дидаам гирён аст,
Аз оташи ман туро алавгардон аст,
Шояд ту нагӯӣ рози худ пеши касе,
Андар дилакам якумрӣ ин паймон аст.

Ту анвори даруни қалби зорам,
Сабоҳӣ ту, ба номат шак надорам.
Туро Яздон ба номам халқ карда,
Ва ман ҳам зодаи он кирдугорам.

Маро дар ҷоми васлат заҳр додӣ,
Ҷаҳони меҳри худ бо қаҳр додӣ.
Маро аз меҳри худ чизе надодӣ,
Агарчи марди мардӣ, номуродӣ!

Чаро дар ёди ту бандам, ки бандам,
Бидон! Ман аз ту дил умре накандам.
Надорам ман халосӣ аз хаёлат,
Чаро месӯзӣ ҷони мустамандам?!

Аҷаб дарди гарон дар гардани ман,
Ки месӯзад аз он ҷону тани ман.
Ба ин ҷонсӯз дарди бекасиҳо,
Бувад оҷиз тани мардафкани ман.

Хазон чун ғуссаи дилҳо бирезад,
Канори обу соҳилҳо бирезад,
Умеду қадри он ёри вафодор
Мисоли каҳ зи каҳгилҳо бирезад.

Худоё! Бин, шабам аҳвол чун аст,
Чу гунге, ки зи дарду ғам нагун аст.
Тани гармам, ки дур аз оғуши туст,
Даруни бистари ғам сарнагун аст.

Агар раҳ сӯи соҳилҳо бигирем,
Бидон, мо мардуми дарёзамирем,
Ба садҳо тирагӣ дар роҳи қисмат
Набояд, дар дили шабҳо бимирем.

Шукӯҳи мо зи рӯи мо чӣ пайдост,
Чӣ боки кӯрии хат? Боз хоност.
Агар дорӣ нигоҳи софу тоза,
Бибояд дид олам бе каму кост.

Маро бе ман ба дунё роҳ доданд,
Даруни боғи ту хиргоҳ доданд,
Зи дарёи дили ошиққуши ту,
Маро ду ҷуръае погоҳ доданд.

Дили садпораам монанди дунёст,
Ки бо худ ӯ хурушону ба ғавғост.
Ҳар он тире расад аз дасти тақдир,
Нишони ҷовидонаш ин дили мост.

Задӣ ханҷар даруни сина пинҳон,
Зи дарду ғам кунам оҳиста афғон.
Надидам ман чунин мӯъҷиза, ёрон,
Сиришкам рехта, тар гашгта ба домон.

Азобе, ки зи ту дар сина дорам,
Агар хоҳӣ, ба ту як лахча орам.
Бигир аз оташам як лахча бар каф,
Бубин сабрам аз он дарде, ки дорам.

Худоё! Хастаам аз зиндагонӣ,
Хӯрам то чанд зардоби ниҳонӣ?
Кӯ ёре, то бигӯям шарҳи ҳолам,
Худовандо, ду дониву, ту донӣ.

Бисӯзад оташи сӯзон сару по,
Шавам моҳӣ, занам худро ба дарё.
Бичӯям гавҳари гумгаштаи худ,
Насозад бенасибам, кош, Оллоҳ!

Дами дар зулмату рафтан битарсам,
Ба модар рози дил гуфтан битарсам.
Бигӯям бар шумо дарди диламро,
Ки аз ин баъд бинҳуфтан битарсам.

Худовандо! Маро садранг кардӣ,
Шукӯҳи зиндагӣ беранг кардӣ.
Ба умре мечашам заҳри замона,
Маро ин қалби зор аз санг кардӣ?

Асири мансабӣ ту, ё ғами ман?
Ба ғам побастаӣ, эй ҳамдами ман?
Даруни гӯр осоиш наёбам,
Набошӣ гар ба рӯзи мотами ман.

Ту марди бегуноҳӣ, хуб донам,
Асири иштибоҳӣ, хуб донам.
Гирифторӣ ту бар қаҳри Худованд,
Ту он ҷо бепаноҳӣ, хуб донам.

Ту овардӣ басо қаҳри Худованд,
Накардӣ раҳм ту бар ин ду фарзанд.
Умедам буд, падар бошӣ барошон,
Лагад бардоштӣ бар ҷои ҳар панд.

Дар ин сахтӣ ба ёди ту бисӯзанд,
Кушоиш гуфта, шаб шамъе фурӯзанд.
Ҳама фарзандҳои меҳрубонат
Падар гуфта, ба роҳат дида дӯзанд.

Ба чандин соли бе ту дар азобам,
Канор аз ту ман осоиш наёбам.
Дили аслии ман дар ҷои дур аст,
Аз ин оташ ҳамеша дилкабобам.

Худо бар ман муродамро ато кард,
Ба ман бахти маро чун мутакко кард.
Бидодам аз тамоми моли дунё,
Дар охир лек помоли ҷазо кард.

Худовандо! Сари саргашта додӣ,
Чаро ғамро ба ман пайваста додӣ?
Ба он бахте, ки додӣ бар мани зор,
Надидам ман, надидам рӯзи шодӣ.

Сафар кардӣ ба мулки беназире,
Ки ёбӣ дил, ки он набвад асире,
Зи роҳи дури қалбам то расидӣ,
Диламро бурд уқоби зудгире.

Агар дорӣ ба қалбат раҳм, бингар,
Ғамат хӯрда дарунамро саросар.
Чӣ созам бо дили овораи худ,
Ки бошад дар ҳавоят мурғи бепар?

Худоро аз нигоҳи худ шиносед,
Зи доди ӯ роҳи оянда созед.
Ба ҳар як лутфи қисмат шукр гӯед,
Агарчи нокаседу носипосед.

## РОҒУН – НУРИ ЧАШМИ ВАТАН

*(Рубоиёт ва дубайтиҳо)*

Роғун кони ганҷе буд, ки коркардаш барои мо гарон афтода буд ва ин кӯтоҳдастӣ моро ба он расонид, ки ин ганҷи бебаҳо ба дасти бегона расад.

Нотавонбинони худӣ қариб монда буд, ки бо хӯрдагирию кӯрназарии хеш андешаи садҳо ватандори солимро сари ободии Роғун шикананд ва шикаста ҳам тавонистанд.

Мададхоҳӣ зи бегонагон оқибати кор сарони онвақтаро ба мақсади хеш нарасонда, дар заминаи он мақсади поки тоҷик ва номуси тоҷикона ғалаба карду Роғун соҳиби аслии хешро дарёфт.

Роғун он солҳо дарахти боҳашамати номдору умрдореро мемонд, ки кирми кӯрдилиҳои худӣ ӯро зи дарун хӯрда истода буду ҷароҳати он аз нигоҳи бегонагони ташнаи Роғун наметофт, то ба он рӯзе худ ба нанг омаду мӯмиё ҷуст барои табобати ҷароҳати хеш.

Имрӯз давобахшони дарди ватан сари ҷароҳатҳои бардошта ҷамъ омада, даъво ҷустанду марҳаму мӯмиёи онро дар нерӯю бозувони мардони баномуси ватан ёфтандӯ пайи табобати он на аз нангу номуси бегона, балки мӯмиё аз номуси хеш сохта, ба табобати якумрии он пардохтанд.

Оқибат дар ҷисми ҷароҳатбардошта ҷон омад.

Ҷисми аз ҷароҳатҳои куҳан табобатёфтаи Роғун ба нерӯ ва тавони тоҷикона қомат рост карда, такя ба дасти пурқуввати номуси ватан карда.

Бо андешаи фардо, ки мабодо дасти бегонае боз такядори ӯ гардад, худ ба такя гирифту нерӯи тавонои халқро дар синаи худ баҳри ободкориҳо ҷой дод, ки фардои Ватан зи қуввату қудрат ва мардонагии онҳо дурахшон хоҳад шуд.

Роғун, ки ту номусу ту нанги Ватанӣ,
Фардо ту зиё ба фарқи мо мефиканӣ.
Мо хоку гилат ба дасти худ месозем,
То аҷнабизодае нагӯяд: зи манӣ.

Роғун, ки ба қасди ту басе ҷон доданд,
Ҳам хеш фурӯхта, ҳам имон доданд.
Имрӯз зану марди баномуси Ватан
Бар пайкари бас фасурдаат ҷон доданд.

Роғунро хостанд к-аз байн баранд,
Ному шарафаш ба нобудиҳо супаранд.
Сарҷамъ шуда халқ бисозад Роғун,
«Ҳайвонсифатон» зи азми мо бехабаранд.

Уммеди басо хурду калонӣ Роғун,
Монанди ҳазорсола роҳи Шоун,
Фардо, ки зи нури ту дурахшон гардад,
Дар синаи халқи мо намонад армун.

Роғун, ки дилат ба сина ҷӯшон бошад,
Сад мавҷи умеди ту ба туғён бошад.
Имрӯз арӯсиву харидорат чанд,
Ҳар марди бананг шоҳи майдон бошад.

Роғун, ту диле шудӣ маро дар сина,
Чогоҳи умеду нияти дерина.
Ман сина сипар намуда баҳри ҳифзат,
То ки нарасад ба ту ҷафову кина.

Роғун, ту макони зарбдорон имрӯз,
Роғун, ту макони бахтёрон имрӯз.
Роғун, ки мақоми ту кунун беҳамтост,
Ному шарафӣ ба номдорон имрӯз.

Роғун, ту тулӯи офтоби моӣ,
Сад субҳи мунирро ба мо бикшоӣ.
Бо қудрату бо нури ҷаҳонафрӯзат
Ту шаҳраҳи фардои ватан бинмоӣ.

Роғун, ки таваллудат замистон омад,
Бар пайкари сармозадаат ҷон омад.
Аз меҳру муҳаббату садоқат имрӯз,
Ин халқи ба иффат сари паймон омад.

Дар рӯи дилат панҷараҳо бисёр аст,
Аз зӯри фишор синаат хуншор аст.
Роғун, ту нанол з-ин ҳама пасту баланд,
Ин нангу шараф бувад, ба дӯшат бор аст.

Сарчашмаи сад китоби воло, Роғун,
Пайдоиши унвону насабҳо, Роғун.
Ту нур диҳӣ, нур диҳӣ то гардун,
Аз нури ту рӯшан дили шабҳо, Роғун.

Роғун, туӣ нури чашми бенуршуда,
Роғун, туӣ дасти беасо зӯршуда.
Хоҳам, ки бидонанд ҳама нокасу кас,
Роғун, туӣ номи халқи машҳуршуда.

Роғун, дили ту дар дили мавҷи дарёст,
Шаъну шарафи ту аз фалак ҳам болост,
Дар рӯи дилат техникаҳо бисёр аст,
Хоҳем камоли умри ту бе каму кост.

Роғун, ту сабоҳи софи фардои манӣ,
Роғун, ту навои «кабки» саҳрои манӣ.
Сад дард ба синаву хамуш мегаштем,
Роғун, ту даво бар ҳама дардои манӣ.

Роғун, намаку нони сари хони манӣ,
Роғун, ту шарори равшани ҷони манӣ.
Аз файзи ту чашму дили мо сер шавад,
Роғун, ту ҷаҳони поки армони манӣ.

Роғун хабарат рӯи ҷаҳонро бигрифт,
Иқбол накӯ омаду душман ба шигифт.
Бо риштаи ҷон тани туро медӯзем,
Бин! Кафтари бахти хештанро сари кифт.

Роғун, ту ба худ муҳоҷирон овардӣ,
Бар ҷони ғарибгашта ҷон овардӣ.
Ҳар фард, ки дур буд зи пайвандонаш,
Сарҷамъ намуда, сари хон овардӣ.

Роғун, саҳари файзу сахои ватанӣ,
Роғун, сухани пеши сари анҷуманӣ.
Андар даҳани мардуми олам гапи туст,
Роғун, ту давобахши ҳама дарди манӣ.

Роғун, туӣ ханҷар ба дили бадандеш,
Аз шӯҳрати ту душмани ту гашта париш.
Бадхоҳ агар кӯр бувад, кӯраш дон,
Медон, ки якест гург дар ҷомаи меш.

Роғун, ту ҷаҳони сад набардӣ имрӯз,
Роғун, ту макони марди мардӣ имрӯз.
Дар оғӯши худ гарм кунӣ ҷони хунук,
Аз ту ба фирор фасли сардӣ имрӯз.

Роғун, ту шарофате ба номи моӣ,
Роғун, ту саломе бар саломи моӣ.
Аз шӯҳрати ту маро ҷаҳон бишносад,
Роғун, ту баҷои эҳтироми моӣ.

Роғун, зи муҳаббатат сад оҳанг кунам,
Ному насабам ба шӯҳратат ранг кунам.
Имрӯз, ки майдони набарди моӣ,
Сарбозаму бар дифои ту ҷанг кунам.

Роғун, ки ба номи ту қасам ёд кунем,
Дунёи туро зи хеш бунёд кунем.
То номи туро халқи ҷаҳон бишносад,
Сад қиссаи нав ба номат эҷод кунем.

Роғун, ту хуни поки шарёни манӣ,
Роғун, ту шаҳкории даврони манӣ.
Байраҷи ватан ба номи ту гашта баланд,
Роғун, ҳама ҷо ту аҳду паймони манӣ.

Роғун, ту канори Панҷ маъво дорӣ,
Аз мавҷи хурӯшанда чӣ парво дорӣ?!
Бар халқи баномуси ватан оянда,
Роғун, ту саодати абад меорӣ.

Роғун, зи ҷамоли ту ҷамолам зебост,
Лабхандаи хушбахтӣ ба рӯям пайдост.
Ман фахр кунам, ки тоҷикам дар олам,
Ҳам шӯҳрати ту шӯҳрати ман дар ҳама ҷост.

Роғун, ту ҷаҳони шӯхрати шаҳмардон,
Аз шӯҳрати туст хасми ту саргардон.
Равшан бикунӣ дили ҷаҳон бо нурат,
Олам чу самову ту чу хуршед дар он.

Роғун, зи шарофатат парешон ҷамъ аст,
Ҳар марди ғариб дар сари хон ҷамъ аст.
Мурдан ба ғарибиҳо набуд ойини мо,
Тоҷик ба хоки Тоҷикистон ҷамъ аст.

Роғун, ту, ки раҳкушои дилҳо гаштӣ,
Андар дилу дидаи Ватан ҷо гаштӣ.
Сад ғуссаи бечароғӣ аз қисмат буд,
Барҳамзани, сад дарду аламҳо гаштӣ.

Роғун, шабу рӯз авҷи корат бинам,
Чашму дили халқ интизорат бинам.
Ободиву шӯҳрати ҷаҳонгири туро,
Дар қудрати халқи зарбдорат бинам.

Роғун, баҳори ту баҳори дили мо,
Обод шудӣ баски аз обу гили мо.
Мо ҷисми туро ба меҳри худ ороем,
Фардои накӯи ту бувад ҳосили мо.

Роғун, ки қисматат варақгардон шуд,
Душман зи қафои ту басо сарсон шуд.
Дубора, ки сарнавишти ту бинвиштем,
Садбора адуи ту ба тарси ҷон шуд.

Роғун дили бадхоҳи ватан реш намуд,
Андешаи душмани бадандеш намуд.
Ҷуз нур, ки нест бар ҷаҳон пайғомаш,
Бегонаи бемеҳр ба худ хеш намуд.

Роғун, зи ту ҳамсоя гаранг аст имрӯз,
Сад вусъати ту ба чашми танг аст имрӯз.
Ӯ парда зи рӯ гирифт, бин чеҳраи ӯ,
Дирӯз чӣ буду бин чи ранг аст имрӯз.

Роғун, ту, ки сардарди басо бедардӣ,
Бо шӯҳрати худ гирди ҷаҳон мегардӣ.
Андешаи дигарон зи ту тоза шавад,
Саркардаи тоҷикон, ту марди мардӣ.

Роғун, ту маънои ҳазорон суханӣ,
Роғун , ту оҳанг ба гуфтори манӣ.
Шуд ғарқа ба гул дарахти армони диёр,
Сарчашмаи эҳтирому шаъни Ватанӣ.

Роғун, зи ҳама номи ту боло мондам,
Аз номи ту ман ном ба дилҳо мондам.
Аз чак-чаки хуни дили худ карда ҳисоб,
Сардафтари сад китоби воло мондам.

Роғун, ту бинои пур зи нури Ватанӣ,
Роғун, ту ҳавои тозаи мулки манӣ.
То, ки нарасад чашми адӯ бар сӯят,
Роғун, ту кушандаи ҳазор Аҳриманӣ.

Сад рози ватан, дар дили ту хуфта бувад,
Сад дард туро ба сина бинҳуфта бувад.
Дунё донад, ки аз дуруштӣ дурӣ,
К-ин гавҳари поки ту басо суфта бувад.

Роғун, туӣ баргашта ҳамон тири камон,
Роғун, туӣ андешаи сад пиру ҷавон.
Фикри ҳама мурдумон дар ободии туст,
Роғун, бахшӣ ту бар Ватан умри ҷавон.

Роғун, ту сари гуфтаи эҷоди манӣ,
Роғун,ту зиёбахш ба ҳар як суханӣ.
Ман шӯъла диҳам гуфтаи худ бо номат,
Роғун, ту орзуи авлоди манӣ.

Сӯзи ту агар, зи нури Роғун сӯзӣ,
Шояд, ки ба мулки ҳақ нигоҳат дӯзӣ.
Раҳмат гӯӣ ба сарвару халқи Ватан,
Ҳам шӯҳрату шон ба мардуму ҳам рӯзӣ.

Бо рагу пайванди худ, Роғун, бақодорат кунам,
Резасангони заминро чида деворат кунам.
Килкро аз устухону рангро аз хуни худ
Ман бигирам, то ки эъморат кунам.

Дили ту дар дили халқ аст, Роғун,
Бигардад шӯҳратат ҳар лаҳза афзун.
Ту рӯшан соз садҳо қалби торик,
Ҳумоюзода ҳастӣ, эй ҳумоюн!

Дили кӯҳро шикофад марди оқил,
Раҳи дарё бубандад бо дами дил,
Ба ҷон хоҳад чу ободии Роғун,
Ҳамеша мақсади ӯ ҳаст ҳосил.

Самои ӯ ҳама исторабор аст,
Ватан, бо ту, бидон, рӯшантабор аст.
Зиё бахшӣ ба садҳо роҳи торик,
Раҳи бунёди ту худ ифтихор аст.

Баҳорон асту гулпӯш астӣ, Роғун,
Гулу себаргабардӯш астӣ, Роғун,
Тамошо мекунам кунҷу канорат,
Сафобахши руҳу ҳуш астӣ, Роғун.

Гули Роғун гули торону хор аст,
Тамоми мардумаш олитабор аст.
Ту шабҳо сӯи Роғун хуб бингар,
Дурахшон ӯ зи нури кирдугор аст.

Хасу хорат ба каф гирем, Роғун,
Дили зорат ба каф гирем, Роғун.
Наёбӣ то ту озоре зи нокас,
Чу гулзорат ба каф гирем, Роғун.

Роғун, ту бақоӣ, ту мамотӣ имрӯз,
Роғун, ту биҳиштӣ, пурнишотӣ имрӯз.
Вобастаи ту дурахши фардои Ватан,
Роғун, ту ба ҷом оби ҳаётӣ имрӯз.

Ту, эй Роғун, мусарратбахшӣ имрӯз,
Саманди бодпову Рахшӣ имрӯз.
Барои мардуми меҳнатқаринат
Фидокориву ҷон мебахшӣ имрӯз.

Ҳикоятҳои Роғун мешунидам,
Ҳақиқатро вале имрӯз дидам.
Чи созам нақл баҳри тифлаки хеш?
Зи оби раҳматаш ман ҳам чашидам.

Китоби сарнавишти халқ аст Роғон,
Зи ӯ сарсабз гардад кӯҳдомон.
Зи ӯ обу зи ӯ нуру зи ӯ нон,
Намонад дар дили ин халқ армон.

Ҳумоюн чеҳраи наврӯздорат,
Дурахшон қисмати пирӯзкорат.
Зи ному аз шукӯҳи НОБ-и Роғун
Шарафманд аст халқи бахтиёрат.

Ту хониву ту нониву ту ҷонӣ,
Ту оби ташнагону ташнаҷонӣ.
Ту имрӯзу ту фардою ҳама умр,
Ту номи беғубори тоҷиконӣ.

Агарчи рӯдҳоят дар хурӯшанд,
Ҳазорон мурда дар хокат хамӯшанд.
Бубин рӯи мазористони Роғун,
Ки аз ихлосу имон сабзапӯшанд.

Даруни хоки ту сад роз хуфта,
Зи доғи сина ҳар лола шукуфта.
Ҳанӯзам одаме аз рӯи имон,
Ҳақиқатҳои Роғунро нагуфта.

Дили Роғун дили садпора бошад,
Ҳақиқат дар раҳаш овора бошад.
Ҳақиқатро ҳакиқат он пазирад,
Ки худ аз мардуми сайёра бошад.

Дили Роғун дили абгору зор аст,
Шабу рӯзи раҳашро интизор аст.
Ҳазорон зарба хӯрда дар дили хеш,
Таҳамтанвор аммо устувор аст.

Тамоми хоки ту мушки Хутан бод,
Ҳама сахтӣ насиби Аҳриман бод,
Туро чун тифли худ дар дӯш дорам,
Илоҳӣ ҷони ту бо ҷони ман бод.

Набинам коҳиши анвори рӯят,
Дурахшад он дили пурорзуят.
Дарахти обрӯи миллати ман,
Ҳазорон сол бинам ман нумӯят.

Каломи ваҳдату нури худоӣ,
Ту пайвандовари дилҳои моӣ.
Тамоми умр ту, ай НОБ-и Роғун,
Диҳӣ бар мо саломи рӯшноӣ.

Ту садҳо хирманӣ бар гандуми мо,
Ту ҳастӣ ҳам бақои мардуми мо.
Зи ту сарчашма гирад рӯшноӣ,
Зи ту пайдо бигардад ҳар гуми мо.

Ба ту ман шонаро бар шона монам,
Ба ту ман қисмати пешона монам.
Даруни синаи пурғуссаи хеш
Барои меҳри ту сад хона монам.

Ду дастатро ба дастонам бигирам,
Дили захмит бар ҷонам бигирам.
Ту НОБ-ӣ, саргаҳатро пок сохта,
Хасу хорат ба доманам бигирам.

Кито би ман китоби сози ту бод,
Даруни синаам сад рози ту бод.
Барои он ки асрорат нависам,
Маро зӯру тавон эъҷози ту бод.

Аё Роғун, камоли обурӯям,
Ба ҷон хоҳам сифотатро бигӯям.
Туро сабзондаам дар марзи сина,
Ту баргу бори нахли орзуям.

Каломи равшани ҳар бекаломӣ,
Ту номи нек бар марди баномӣ.
Туӣ зоишгаҳи сад қаҳрамонҳо,
Давоми хуррами ҳар бедавомӣ.

Ба ту умри ҳазорон Нӯҳ хоҳам,
Ва подорӣ ба сони кӯҳ хоҳам.
Ту НОБ-и покӣ дар рагҳои мардум,
Дили озод аз андӯҳ хоҳам.

Ситора дар само сеҳри ту дорад,
Дили халқи ватан меҳри ту дорад.
Ту НОБ-и поки мардумошноӣ,
Бубин, рангинкамон чеҳри ту дорад.

Ватанхоҳӣ зи Роғун ном гирад,
Ватандор аз Ватан пайғом гирад.
Кунад хизмат касе дар НОБ-И Роғун,
Расад бар мақсаду инъом гирад.

Сари Роғун сари болои мо буд,
Дили Роғун дили танҳои мо буд.
Агар месохтем онро парерӯз,
Канори роҳаташ маъвои мо буд.

Байроқи ватан, ки зеби Роғун гашта,
Андешаи мардумон дигаргун гашта.
Аз қудрату боварии Давлат имрӯз,
Рӯшан дили халқ то ба гардун гашта.

Ҳақиқат то ҳақиқат роҳ дорад,
Бувад ёре дили гумроҳ дорад.
Ту НОБ-ию ҳазорон ташнаи ту
Ба роҳат дидаи огоҳ дорад.

Ҳазорон шукр бар номаш намуда,
Ҳазорон накд иномаш намуда.
Китобе, ки дар он ҷо зикри НОБ аст,
Китоби боварӣ номаш намуда.

Дили мо чашмаи меҳри Худо аст,
Чу оби НОБ-и Роғун бебаҳо аст.
Ҳамон фарде, ки Роғун созад обод,
Нигаҳдораш худои бефано аст.

Ту саркори ҳама саркардаҳоӣ,
Ту маъвои дилу меҳри Худоӣ.
Туӣ таърихи пуранвори мардум,
Таманнои дили ранҷури моӣ.

Гар каломи худ ба поён оварам,
Байт не, ман ҷои он ҷон оварам.
Аз забони сад ҳазорон халқи хеш,
Қиссаҳо аз рози Роғон оварам.

Нидо омад, зи гардунҳо, ки Роғун,
Кунад бо қудраташ олам дигаргун.
Дуо гирад саҳаргоҳ аз малоик,
Шавад Роғун ҳама гулзор акнун.

Самои зиндагӣ пурнур бодо,
Ҳақиқат дар ҷаҳон машҳур бодо.
Шуда Роғун зи меҳру некӣ обод,
Касе дорад дили бад, кӯр бодо.

Хитоби умри мо садҳо китоб аст
Ва садҳо гуфтаи мо беҷавоб аст.
Басо буданд бо Роғун сари ҷанг,
Магар бадкорӣ ин кори савоб аст?!

Хаму печи Ватан созем ҳамвор,
Қадаҳ аз ростӣ созем саршор.
Расад анвори НОБ-и мо ба мардум,
Бинои дӯстӣ созем подор.

Замини мулки мо гандумшиор аст,
Ватан соҳиб ба садҳо обшор аст.
Миёни сад ҳазорон ёру ағёр,
Ба оби НОБ-и худ дар ифтихор аст.

Ватан дорои мардони ватандор,
Ватан меҳроб бар марди сазовор.
Ҳама номусу нанги НОБ-и Роғун
Кунад ҳар одами дилмурда бедор.

Охир ба охир омад сад созу сӯзи Роғун,
Охир ба дар биомад рози нагашта берун.
Гарчи зи нури Роғун рӯшан ниҳоди фардост,
Мову шумо ҳамонем–як шоири ҷигархун.

Сад қатара аз дили худ бар ту раво бидидам,
То номи худ ба номат ман бобақо бидидам.
Ай Сарвари баномус, донӣ, чиҳот дидам?
Дар сахтиҳои қисмат марди Худот дидам!

# АСРОРИ САНГ
# (Достон)

## ҶОНҲОИ САНГБАСТА
*(Асрори аввал)*

Фасли баҳор, бегоҳӣ рӯзе ҷавоне ба маъшуқааш аз деҳа барои сайру мулоқот ба дашт баромад. Онҳо аз роҳи қадимии аробагарде, ки аз бари кӯҳпояе мегузарад, хушнудона сӯҳбаткунон оҳиста қадам мезананд. Роҳ онҳоро ба назди хорасанги бузург мебарад, ки дар болояш тӯдаи сангҳои бисёре хобидаанд. Ҳар ду сӯҳбаташонро қатъ намуда, дар назди хора бозмеистанд. Дар паҳлӯи ҳамон санг бо ҳуруфоти арабӣ ҷумлае ҳиккокӣ шудааст.

**Духтар:** Дар ин ҷо чӣ навишта бошанд?

**Ҷавон** *(мехонад)*: «Эй дӯст, ба д-ин роҳ магузар».

**Духтар**: Аҷоиб? Чаро?

**Ҷавон:** Оре, ман ҳам дар аҷабам. Бингар, ин тӯдаи санг болои хора аз баҳри чист?

**Духтар:** Надонам, шояд чун нишонаи роҳ барои мардуми аҳди қадим хизмат мекардааст?

**Ҷавон:** Дар дили ин хора асроре ниҳон аст. Онро бояд донист.

**Духтар** (*ба муқобили роҳи омадашон ишора карда):*
Ҳу, ана роҳгузари пире омада истодааст. Аз ӯ бипурсем, шояд ин асрорро кушояд.
*Пир ба назди онҳо омада мерасад.*

**Ҷавону духтар**: Ассалому алайкум, падар!

**Пир:** Ва-алайкум ас-салом, фарзандонам! *(Румузфаҳмона ва бо шакарханд)* Ҳа, сайр дар ҳавои тозаи баҳор, канори дашти сарсабз?

**Ҷавон**: Бале, падар*! (ба андаке сукут*) Мехостам аз шумо чизеро бифаҳмем.

**Пир:** Аз муҳаббат, аз сидқу вафо?

**Ҷавон:** Агарчи дар ин масоил низ маро панд додани шумо фарзу суннат аст, аммо хостем асрореро бипурсем.

**Пир**: Марҳамат!

**Ҷавон:**

Дар мадори дашт мисли посбон
Хорсанге бемадор истодааст.
Сангҳои бешумори бори он
Солҳои бешумор истодааст…

**Пир:**

Ҳеҷ медонӣ, ки бораш санг нест,
Бори он номусу нанги мардум аст.
Санг бораш нест, ҷони одамист,
Ин на маълум асту розаш саргум аст.
Ҳеҷ медонӣ чаро ин тӯдасанг
Тӯдаи нанг асту ҷони одам аст?
Гар намедонӣ, бигӯям бедаранг
Ин ҳикоятро, ки монандаш кам аст:
Як замон Помири моро душмане
Зери дасти худ намудан хостаст.
Аз саворони яли мардафкане
Лашкарони бешумор оростаст.
Чашми ӯ сӯи замини мо будаст,
Доимо андар камини мо будаст.
Бо таҷовуз дастҳояш ҷониби
Духтарони нозанини мо будаст.
Фурсатеро аз фаросат ёфта,
Сӯи мо лашкар кашонидаст ӯ,
Мулкро дар хоби ғафлат ёфта.
Ними он кардаст зери даст ӯ,
Лек мардони бaору нанги мо.
Парчами шаъну шараф афрохтанд.
Дар раҳи озодии худ маргро
Беҳ зи як дам бандагӣ пиндоштанд.

Бо силоҳи ҷанг мардон яксара
Зидди хасми шумқадам бархостанд,
Бар ҷиноҳи рост, қалбу майсара
Як силоҳи ҷангие оростанд.
Қалби лашкар пур зи кини душманон,
Майманааш кӯҳро ҳам меканад.
Майсара-сел асту гӯӣ бегумон
Душманонро пой бе ҷо мекунад.
Бо чунин як лашкари лашкаршикан,
К-аз ҳазорон буд афзунаш адад,
Дод амре зидди фавҷи Аҳриман
Сарсипаҳ бо бонги «Мавлоё, мадад!»
Шуд сипаҳ бар ҷониби душман равон,
Бо раҳи пурпечу танги кӯҳсор,
Мегузашт аз даштҳои бекарон,
Мегузашт аз регзору рӯдбор.
Мегузашт аз назди як кӯҳпояе,
Хорасанги бешуморе дошт он,
Марди ҷангии заковатмояе
Гуфт бар мардони марди ҳаминон:

**Мард**:

«Эй саворони далеру ҳушманд,
Меравем имрӯз мо майдони ҷанг.
Ё ба банди хасм мегардем банд,
Ё ки дунёро бар ӯ созем танг.
Мо намедонем баъди чанд гоҳ
Кӣ саломат ояд аз ин размгоҳ
Дар ҳамин ҷо боз бар хуршеду моҳ,
Кист чун имрӯза месозад нигоҳ?
Беҳ, ки болои ҳамин санги бузург
Санг партояд ба навбат ҳар касе,
Ҳар касе н-афтод бар чанголи марг,
Санги худро боз гирад вопасе.

То нишоне монад аз ин корзор
Баҳри пайвандону фарзандони мо,
То ки чун ҳайкал бимонад ёдгор
Баҳри фарзандону пайвандони мо».

**Пир**:

Ҷумла лашкар гашт бо ӯ ҳамсадо,
Ҳар касе ба санг санге мениҳод,
Баъди чанде сар ба сар бо кӯҳҳо
Гашт пайдо пуштае сангинниҳод..
Ровиён гӯянд: лашкар чира гашт
Бар сари он душману баргашт боз,
Санги худро мегирифту мегузашт,
Ҳар касе бигзашт аз ин дашт боз…

**Ҷавон**:

Дар мадори дашт мисли посбон
Хорасанге бемадор истодааст.
Сангҳои бешуморе бори он
Солҳои бешумор истодааст.
Аз дуруштиҳои ин дунёи дун
Пайкари он низ гардида дурушт.
Зери бори санг гардида забун
Гаштааст амсоли пире кӯзпушт.
Санг не, ҷон аст бори хорасанг,
Сангбаста ҷонҳои одамон.
Сангҳои қисматосо ранг-ранг,
Ҷонҳои ҷовидонӣ ҷовидон.
Гарчи гардидаст пиру бемадор,
Лек мисли навҷавон истодааст.
Гӯиё бар маснади номусу ор
Посбони ҷовидон истодааст.

**Пир**:

Посбони ҷовидон аст он, зи бас
Сангбаста ҷонҳо ҷони вайанд,
Посбони ҷовидон аст он, зи бас
Ҷонҳо худ посбонони вайанд,

Посбонони диёри мулки хеш
Номи моро бар фалак бардоштанд,
Бар алайҳи марги худ аз марг пеш
Ҳайкале бар хештан бигзоштанд.

## САНГИ ҲИКМАТ

*(Асрори сонӣ)*

**Ҷавон**:

Бинвишта замоне бар сари санг кадоме:
«Эй дӯст, ба-дин раҳ магузар!» Аз бари мардум
Бингошта андар танаи санг паёме,
То дар раҳи пурхавф шавад раҳбари мардум.
«Эй дӯст, ба-дин роҳ магузар!» Баҳри чӣ нагзар?
Афсӯс,вале посухи ин пурсиши мо нест.
*(ба дашт)*
Эй дашт, биё қиссаи худро бинамо сар,
Мегӯй ба мо, ҳикмати ин гуна сухан чист.
Рӯзе, ки ба ҳар гӯшаи ту лола бирӯяд,
Вай рехта бар хоки ту хуни падарам ҳаст.
Борон, ки ғубори гули рӯи ту бишӯяд,
Вай ашки рухи модари хунинҷигарам ҳаст.

**Дашт:**

Дорам ба лавҳи хотири худ он ҳуҷумро,
Дорам ба ёд охири он ҷанги шумро.
Дорам ба ёд он кӣ аз он ҷанг бозгашт,
Аз домани ману бари он санг мегузашт.
Бигрифта санги хешу ҳамерафт лабхамӯш,
Дар дил ҳазор ғуссаву сад бори ғам ба дӯш.
Дар ёди регу хору гулу хораи ман аст,
Дар ёди ҳар насимаки овораи ман аст
Як даста раҳзанони тиҳимағзу бехирад
Карданд манзиле ба барам мисли деву дад.

Додам барояшон мани ночор манзиле,
Гаштам валек хеш аз ин пой дар гиле.
З-он баъд хуни раҳгузарон дар мадори ман
Мерехт, сурх гашт маро ранги пираҳан.
Гулҳои санги ман ҳамагӣ лоларанг гашт,
Бар ҳоли одамӣ дили ман сахт танг гашт,
Гуфтам: ҳазор тавба, ки хунрез гаштаам.
Як рӯз бехабар зи қазои дарандахӯй
Сӣ родмард ҷониби ман гашт роҳпӯй
Эшон буданд бархе аз он размоварон,
Як ҳиссае зи лашкари беҳадду бекарон.
Аз ғолибии хеш ҳама маст мебуданд,
Сӯи диёри хеш сари шаст мебуданд.
Ҳамроҳашон набуд силоҳе, на маркабе,
Не об қатраеву на аз нон як лабе.
Буданд чанде ташнаи дидори деҳи хеш,
Ёди падар ва модарашон мекашид пеш.
Нохост раҳзанон зи камингаҳ бадар шуданд,
Чун гармсер ҷонибашон ҳамлавар шуданд.
Он сӣ ҷавони бехабар аз чархи рӯзгор,
Бо қалби гарму нарму саре пур зи ифтихор
Пиндоштанд, ин ки ба оғӯши бозашон
Аз дӯстон омада бар пешвозашон.
Он раҳзанон валек ба бедоду оҳу ҳӯй
Аз хунашон ба синаи ман сохтанд ҷӯй,
Карданд сар ҷудо зи тани он фитодаҳо,
Рафтанд сӯи манзили худ, гашта ҷо ба ҷо.
Дар байни он шаҳидшуда мардҳои мард,
Бо пайкаре зи дард хаму рӯйҳои зард,
Жиндам ба ном буд ҷавоне сиёҳбахт,
Бо ними ҷон зинда варо буд ҷони сахт.
Бо захмхӯрда пайкари беҳолу бемадор
Бархесту бидид ба ҳар гӯшаву канор

**Жиндам**:

Эй дашти ғам, бигӯй, магар Карбало туӣ?
Ин қадр пур зи кинаву пур аз боло туӣ?!
Ё ман хато намуда раҳи мулки хештан,
К-ин ҷой мулки дигару марзи дигар ватан?
Эй дашт, гӯй, ҷурми мани паршикаста чист?
Ин зулм аз чӣ бошаду гӯ: қасди даста чист?

**Дашт**:

Бар хештан гиристу ман ҳам ба ҳоли ӯ,
Бар хеш метапид дилам аз саволи ӯ.
Ман бо забони ҳолу ба овози хастаам,
Бо ин лабони сокиту парсингбастаам,
Гуфтам, ки: «нестӣ магар, эй одам, аз азал
Бар хеш ҳам ҳаёту ҳам орому ҳам аҷал?
Донӣ, ки регу санги барам сурх баҳри чист?
Ин рехта ба синаи ман хуни одамист
Дар тӯли умри хеш ба чандин ҳазор сол,
Чандин ҳазор сумб маро карда поймол.
Сад бор бели гӯрканам карда синачок,
Чандин ҳазор ҷисм ба хокам фузуда хок.
Пошида захми қалби маро шоире намак,
Гуфтаст вақти нолаи ҷонсӯз аз фалак:

**Шоир**:

«Дар кӯи харобот касе мир нашуд,
Аз мурдаи одамӣ замин сер нашуд
Кас нест барад хабар ба устоди азал:
Мурдан ку ҳақ аст, чаро ҷавон пир нашуд?»

**Дашт**:

Не, не, ки сер гаштаам аз хуни одамӣ!
Танҳо ба одамӣ бикунад хуни ӯ камӣ!
Ман даштаму валек замине саросарам,
Аз баҳри одамӣ, нигарӣ нек, модарам.
Ман модарам! Чӣ гуна кушам тифли хешро?!
Бар дил чи сон даво кунам ин гуна решро?

Фарзанди ман, ту лек худатро ҳамекушӣ,
Ёбӣ мисоли бабр аз ин кор дилхушӣ.
Беҳтар набошад он ки ту чун қарзи ворисӣ
Сангам бичиниву куниям боғ вопасе?
Жиндам миёни синаи ман рӯ ба раҳ ниҳод,
Гоҳе ба пой мешуду гоҳе ҳамефитод…

**Пир**:

Эй дашт, суханҳои маро низ бикун гӯш,
К-онҳо ҳама бошанд дури суфта якояк.
Ин қисса зи ёдам нашавад ҳеҷ фаромӯш,
Дар он ғами аҷдод чу бинҳуфта якояк:
Мебуд Нуринҷ панҷ маҳ беш
Бо дидаи чору бо дили реш,
Бар раҳи писар назора мекард
Бар эзиди пок зора мекард.

**Нуринҷ**:

«Эй Ҳурмузи меҳрубону ғамхор/
Ту Жиндамаки маро нигаҳ дор.
Ӯ ҳаст ягона нури чашмам,
Ҳам давлату ҳам шукӯҳу ҳашмам.
Мешав ту барои ӯ нигаҳбон,
Бигир марову зиндаш мон.»

**Пир**:

Аз раҳгузарон нишона меҷуст,
Ҳоли писари ягона меҷуст.
Чун дид, ки Жиндамаш наомад,
Ғамхораву ҳамдамаш наомад,
Бо сад аламу ҳазор фарёд
Рӯ ҷониби корзор бинҳод.
Жиндам чу зи марзи ту баромад,
Гӯё, ки ҳаёти ӯ сар омад.
Бо захми тану хароши ҷонаш,
Бо ғуссаю дарди як ҷаҳонаш,

Он тӯдаи санг дида аз дур,
Омад бари хорасанги машҳур.
Бо чашми пӯрашку рӯи ғамнок
Дар паҳлӯи он фитод бар хок.

**Жиндам**:

«Бешубҳа, аҷал биёмад аз пеш,
Лаънат ба ту, эй сипеҳри бадкеш!
Як дам ба муроди ман нагаштӣ,
Бар ҳоли табаҳ маро бикуштӣ.
Охир мани навҷавони навхат
Нохӯрда даме майи муҳаббат ,
Нодида висоли дилбари хеш,
Шодии ҳаётро каму беш,
З-оташзада даҳр зуд рафтам,
Бар боди аҷал чу дуд рафтам.
Эй хора, ту аз чӣ сокит астӣ?
Аз он ки ту низ ғампарастӣ?
Барҷумбу зи сӯзи оҳу шеван
Бар қалби фалак шарорае зан.
Оре, ки ба дӯши ту ҷаҳон ҳаст,
Ё балки ҷаҳони ломакон ҳаст.
Ҳар санги ту ҷони ҷуссае ҳаст.
Ҳар санги ту ашки ғуссае ҳаст.
Донам, ки чу бори зиндагонӣ
Созад ба ту бори он гаронӣ.
З-он пеш, ки дар барат бимирам,
Хоҳам зи ту санги хеш гирам.
То ин ки ғамат каме зудоям,
Як бор сабуктараш намоям.
Он гаҳ бари огаҳии мардум,
Аз баҳри наҷоти ҷумла анҷум,
Бар санги бари ту бо ҳам ин санг
Ман сабт кунам чу ҳикмати ҷанг:

«Эй дӯст, гузар макун ба-дин раҳ,
Бар марг ҳамебарад ҳамин раҳ»,

**Пир**:

Бо ранҷ баланд гашт Жиндам,
Аз хора гирифт сангу…
…Ин дам
Дид аз раҳи деҳ падар ба сӯяш
Меояду канда рангу рӯяш,
Жиндам бифитод боз бар хок…
Бардошт варо Нуринҷ чолок.
Тангаш бигирифта андар оғӯш,
Якчанд дақиқа рафт аз ҳуш.
Омад чу ба ҳуш баъди як дам,
Пурсид зи ҳоли зори Жиндам.
Жиндам ҳама қисса бо падар гуфт,
Аз ҷангу зи раҳзанони шар гуфт.
Пас бо рухи зарду дидаи боз
Бигзашт аз олам он сарафроз.
Печида ба хеш аз ғаму дард.
Бечора Нуринҷ нола мекард.

**Нуринҷ**:

«Афсӯс, ки Жиндами ҷавон рафт,
Гӯё, ки зи ҷисми ман равон рафт.
Ӯ кист, кӣ кушт Жиндамамро?
Донист раво ба ман ситамро?!
Ҳар кас, ки набошад, одам аст ӯ,
Фарзанди Ҳавову Одам астУ,
Аз чархи фалак чаро бинолем,
Чун хеш барои худ заволем?
Сад дод зи дасти одамизод!
Фарёд зи дасти одамизод!
К-ӯ ҷанг ба по намуду куштор,
Худро бикунад худаш дилафгор.
Бадтар зи даранда ҳаст одам,
Барҳамзани ханда ҳаст одам!..

Эй, он ки пас аз манӣ ба олам,
Гар аз қадару қазо хӯрӣ ғам,
Бишнав, ки марав ба роҳи зулмат,
Бар хеш маор ранҷу кулфат.
Бар сулҳу салоҳ доимо кӯш,
Маҳкам дари ҷангро ҳамепӯш!
Гар асри ту ҷангхона бошад.
Холӣ зи хушӣ замона бошад.
Бечоратар аз Нуринҷ гардӣ,
Оворатар аз Нуринҷ гардӣ.
Умрат гузарад ба тезии барқ,
Сайёра бо хуни ту шавад ғарқ.
Зинҳор, гузар макун ба-дин роҳ,
Бар марг ҳамебарад чунин роҳ»

**Пир**:

Ҷонаш ҳама аз вуҷуд мерафт,
Оҳаш ба фалак чу дуд мерафт.
Бархост сипас зи ҷой ранҷур,
Бинмуд азизи хешро гӯр.
Бар хораи дигари ҳамон марз
Бо санги писар биканд андарз:
«Эй дӯст, гузар макун ба-дин роҳ…»
Афтод ба рӯи хок ногоҳ.
Чун ғусса ба дил ҳамефузудаш,
Сабри дигаре дигар набудаш,
Он санг намуда пахш бар дил,
Гардид зудуда нураш аз гил.

## ХОТИМА
## (Асрори навин)

Дар осмони софи баҳорӣ моҳи пурра мебарояд.
Пир бо ҷавонон видоъ гуфта, ба роҳаш меравад.
Ошиқу маъшуқа болои санге бари ҳам менишинад.

*Ҳар ду андешаманд.*

**Духтар**: *(пас аз сукути дарозе)*

Дилам гардид хун аз ин ҳикоят,
Ки аз ин хора бишнидам шикоят.
Шикоят аз ғами ҷанги ҷаҳонсӯз,
Шикоят з-одамони ҷанг-афрӯз.
Чу бинӣ нек, ҳар як хорасанге
Зи ғам дорад бо қалби хеш занге.
Дареғ аз ҷангҷӯи аҳриманхӯ,
Ки нашнидаст аз одамгарӣ бӯ,
Ба қадри хорасанге дил надорад,
Дили бар некӯӣ моил надорад.

**Ҷавон**:

Кунун имрӯз ҳам сайёраи мо
Макони ҷанг ҳасту шӯру ғавғо.
Ҷаҳонҷӯ, ки нагун бодо ҷаҳонаш,
Занад бар хирмани сайёра оташ.

**Духтар**:

Ахиран Аҳриман нобуд гардад,
Фазо холӣ зи нақши дуд гардад.
Ҷаҳон гардад зи дасти Ҳурмуз обод,
Шавад халқи ҷаҳон хуррамдилу шод.

**Ҷавон**:

Ва он гаҳ ошиқони ташнаи ҳам
Шаванд осудаву хушбахту хуррам.
Нагардад пас мулоқоти муҳаббат
Бадал бар ғуссаву андӯҳу кулфат.

*Ҳар ду аз болои санг бармехезанд. Сипас хомӯшу андешаманд роҳи деҳаро пеш мегиранд.*

## ФАРЁДҲО, ФАРЁДҲО

***(Таронаҳо)***

Ишқ ҳиссиёти ҷовидонаест, ки бо табассум оғоз ва бо гиря анҷом меёбад.

Эй ишқи дери дери ман,
Эй дидаи носери ман,
Аз ту бувад, ай ҷони ҷон,
Ин пои дар занҷири ман.
Гулгуни зарринёли ман,
Эй ишқи дериқболи ман.
Дар кӯчаҳои зиндагӣ
Ту ҳастӣ истиқболи ман.
Ман сад биёбон гаштаам,
Сад домро бишкастаам,
Аз ишқ роҳат нест, нест,
Дар кӯи ғам бинשастаам,
Аз умр дорам шикваҳо,
Аз умри ранҷу дардҳо,
Ман марг хоҳам бе ту, марг,
То ёбам аз ғамҳо раҳо,
То ёбам аз ғамҳо раҳо.

Ай он ки маро дар либоси зебо ва чеҳраи арғувонӣ мебинию гумонат ман шодам. На, дар канори пироҳани зебо дарунсӯхтаам.

Ҳар субҳ мехезам, мебинам, ки хуршеди оламтоб ҷаҳонро рӯшан карда, вале афсӯс, ки дар нигоҳи ман ин ҷаҳони зебо зи торикистоне беш натобад. Ва худро зиндае даруни гӯр дармеёбам. Ашк мерезам. Заифу бечора мегар-

дам. Дари кулбаи хеш мепӯшам, қулф мезанаму чун саргаштаи биёбони номуродӣ даст ба сар гузоштаю фарёдҳои бефарёд аз дили хеш мебарорам. Он лаҳза аз лаҳзаҳоест, ки каме худро сабук ҳис мекунам.

Вале бори танҳоӣ ҳар лаҳза даст дар китфони ман дораду мефишораду мефишорад. То қомати зебои маро бо зӯрии бозувони тавонои хеш хамида дорад.

Вале бо ҳамин ин уқубатҳо: оҳ, зиндагӣ! Ту чӣ қадар ширинӣ. Басе лаҳзаҳои ноумедӣ буданд, ки мехостам ҳастии нотавони хеш барои марги осон омада созам, вале намедонам, чӣ хотираҳои зиндагӣ буданд, ки. Маро аз ин роҳ боздоштанд…Ва эй онҳое, ки ба садои дили хунини ман эътиқоде овардаед. Мехоҳам чизеро, ки маро басе солҳо азият медиҳад, бароятон рӯшан созам. Ман ҳама вақт зи нидоҳои дили хеш дар ҳаросам. Метарсам. Баски ҳама вақт рост мебароянд пешгӯиҳои дили ман, хоҳ бад бошад, хоҳ нек. Ман инро басо хуб эҳсос мекунам. Аз ин рӯ, гаҳе ки ноумедиҳо маро дар гирдоби хеш мекашиданд, дил нидо мекард, ки: ҳай, Нилу, иродаатро фаромӯш накун, ки душман заиф асту қудрату ҷасорати имрӯзаи ту барои маҳви ӯ басанда. Ҳаргиз барои интиқом макуш. Бадро бидияш бас аст. То битавонӣ, некӣ кун. Ман некӣ кардам бо дили соф. Тани соф доштам, бо қалби зи ғамҳо пурҷароҳат. Дӯстонро, ки онҳо басе кам буданд, се тан дӯст доштам ва дӯст медорам онҳоро. Бе онҳо барои ман гулшани зиндагӣ хористон аст. Замоне ки аз онҳо ранҷидам, гумонҳои ноҷояе дили маро рахна карданд. Андешидам, ки онҳо дар либоси дӯстдорӣ кори душманӣ кардаанд. Вале боз мебинам, эҳсос мекунам, ки онҳоро дӯст медорам.

Агарчи онҳо марданду ман худ занам. Дӯст медорам ин се танро. То умр ҳаст ва дар зиндагии хоргашта ҳам баъзе вақтҳо, ки бо онҳоям, барои ман дами зебост.

* * *

Шабе миёни андешаҳои хеш туро печонидаму даруни бешае буда, коми хеш ситонидам, ай номуроди роҳи ишқ…

* * *

Шабе боронӣ буду борони баҳорӣ бо як навозише саропои мани интизорро мешуст. Он лаҳза, ай ҷони ман, гумон мекардам, ки дар канори бистараму бо дастони маҳини хеш анҷоми ман мекашӣ…анҷоми ман…

* * *

Танҳои танҳо мондаму назди тиреза рафта онро бо як меҳре кушудам.

Пардаи ҳарирро паҳлу задам. Чашмони пазмони ман ба само дӯхта шуданд.

Нигоҳам ба ду ситорае фитод, онҳо ба сӯи ман бо меҳрубониҳои зиёде чашмак мезананд.

Дили ғамгину лабони хамӯши ман, ки ташнаи меҳрубоние буданд, табассуми ҳазине намуданд, вале ҷисми ман, ки дарун-дарун сӯхтаю абгор буд, дам ба дарун кашида нолиш мекарду Худо мегуфт: ҳар лаҳза ёди ӯ домангири ман мешавад, чунон месӯзад дилам, ки гуфтанаш номумкин аст. Аммо дили сангини ӯро Худо каме гармие нисбати ману муҳаббати ман надода, шунидам, ки ӯ маро дидану шунидан намехостааст, не, шояд ин суханон аз дурӯғе беш набошад. Худо кунад, ки чунин бошад.

* * *

Оҳ, модар, модар, модар! Панҷ баҳор инҷониб дидори шуморо надидам, шуморо ёд мекунаму дилам чун ҳезуми дар оташ уфтода қарс-қарс м есӯзад. Лаънат ба ғарибӣ мехонам, ки дидаҳои азизи азизро зи дидори ширини якдигар маҳрум сохтааст…

Модарҷон, маро шунав, гарчи шунидан намехоҳӣ, ки ҷигарбандат дар ғарибиҳо чӣ машаққатҳо кашидаву зи танҳоӣ ҳар хасу хошок, касу нокасро хеш хонда ва баъд чӣ ҷафоҳое зи дасти ин пастфит ратон кашида, ки ту шоҳиди он набудӣ, мани дилсӯхта танҳои танҳо будам, тани танҳо дар ин гирудорҳо…

* * *

Ойина зи дастам уфтоду шикаст. Зи эҳсосот ва садои он гумон кардам, ки дил зи сина канда шуд.

Хам шуда пораҳои шикастаро бардоштам, то ба якдигар васл кунам. Нашуд, ки нашуд. Оҳ, Яздони пок, дили инсон ҳам ба сони шишае будааст, ки чун захм бардошт, табобат надоштааст ва бузурге рост фармуда, ки:

Шишаи бишкастаро пайванд кардан мушкил аст.

Бале, аз рӯзе, ки ӯ зи ман ранҷидааст, ҳам ӯро зи даст додаму ҳам дили гумкардаро дигар ба даст оварда натавонистам, гарчи ҷисми хешро урён наздаш гузоштам, то сӯзонаду бирёнаду бубахшад.

Зи сӯзишҳои дил эҳсос мекардам, ки ӯ ҷароҳате дорад. Рӯзе ғарқи дарёи андешаҳои хеш дилро зи сина баркандаму рӯи даст гирифтам. Дили хунинنолаи ҷонсӯзе баровarda гуфт:

–Маро нарас, ки дардмандам, эй табиби деррасида!

* * *

Модарҷон! Оне, ки баъди ту барои ман азизтарин буду ҳастиямро бо ӯ мешинохтам, бо ӯ хушбахти хушбахт будам, дар лаҳзаҳои мушкили ҳаёт маро, муҳаббати маро пушти по зад. Бо истеҳзо зи наздам гузашт. Лаҳзаҳое буд, ки ҳам гадои зиндагӣ гаштаму ҳам гадои кӯи ӯ. Ба ӯ номае ирсол доштам, чу дастони гадое ба сӯяш равон кардам. Вале

афсӯс, ки як пора нони пусидаро барои ману муҳаббати ман раво надид. Ман чанд рӯз гурусна будаму бо ёди ӯ ва хӯрдани ғамҳои ӯ худро сер мекардам.

Бале, модарҷон, ин нола нолаи дили ҷигарбанди туст, шунав. Ман ӯро дӯст медораму ҳарчанд ҷафо кунад, дар нигоҳи мани дилсӯхта вафо асту ман ӯро то дами вопасин дӯст медорам ва гумон дорам, ки ҳамашабу ҳамарӯз бо ман аст. Бо ман аст ва аз ман аст… Аз ман. Он рӯзе, ки танҳои танҳову саршори гиря нолону хазонгашта зи бекасӣ тифли бемору гирёни хеш рӯи даст доштам, ҳамон рӯз ҳам ёди ту кардаму мӯҳтоҷи меҳрубониҳои ту будам, гарчи тифли ман меваи боғи дигар аст.

* * *

Чаро ман наметавонам ӯро фаромӯш созам? Охир ӯ бо номеҳрубониҳои хеш, бо нигоҳи саршори кинаву ғазаби хеш борҳо дар қалби афгори ман нохуни ҷудоӣ зада, борҳо маро сайди нигоҳи сади хеш қарор додааст.

Ба хотири чӣ ин дили кӯчаку садпораи мани танҳо барои ӯ дарди мушкиле мекашад, қодир нест, ки ӯро фаромӯш созад?

Чаро? Чаро, худоё! Бо шарофати бузургиҳои хеш заррае зи муҳаббати сӯзони ман дар қалби сангини ӯ ато намо, то дарки муҳаббати ман кунаду ҳастии нотавони ман тиҳӣ зи муҳаббати хеш аз ин дунё наравад ва ормонӣ нагардад ин қалби дар ёди ӯ саросар порагашта.

* * *

Ай худоё!

Қаринтарин дӯст, ҳамнишин, ҳамнафасу ҳамқадаҳи ман ҳар рӯз мегуфт, ки ту гуле ҳастӣ андар баҳор ва метарсам, ки қалби нозуки туро ин нокасон озор диҳанд. Ва гуфтаи ӯ

ҳама ба вуқӯъ пайваст. Нахуст шуда гули бехор дар назари қаринтарин дӯсташ хор гашту ҳама гуна озорро ҳам зи дасти ин дӯсташ кашид. Ӯ қодир гашт, то ду дили ташнаи муҳаббати якдигарро бо суханони шикаставар ба шикаст оварад. Худо худ шоҳиди кардаҳо ва гуфтаҳои ӯст.

* * *

Худоё, чӣ шуд бо инсонҳо? Якеро, ки зи ҷон дӯст мешуморию дӯст медорӣ ва эҳсос мекунӣ, ки туро ӯ низ чунин дӯст медорад, чун дӯст даркорие пайдо кард, ниқоби дӯстдорӣ зи чеҳра мегираду муҳаббати туро чу мо ле мефурӯшад ба дигаре. Вале чун ба аёдат мебиёяд, боз ҳамону ҳамон.

Дилбардорӣ мекунаду аз абёти дустдорӣ мехонад. Мегӯяд, ки барои ман гӯё ҳама рӯз ғам кашидааст: Аммо вақте ки парда зи рӯи ҳама найрангҳо бардоштем, гунаҳкори асосӣ худи ӯ дӯсти ҷонӣ баромад. Чи гурге дар либоси меш.

Ай бор худоё! Зи кардаҳои хеш шавад дилреш ин дӯсти бадандеш.

* * *

Шабе хоб дидам, ай ҷони ширини ширин. Хоб куҷост миёни шаб, миёни бистари бе ту сард?

Миёни бистаре, ки ҳар шаб сурати туро дар оғӯши гарми хеш дорад. Маро бо ту ҳар рӯз рӯ бар ӯ месозад. Омадӣ, бӯсае зи рӯям гирифтию ноаён гаштӣ. Зи ҳаловатибӯсаи ҷонбахши ту бедор гаштам, ки бе туям. Танҳои танҳо…

* * *

Ту маро бегона мегӯӣ, ки зи ман дил кандию рафтӣ битамом. На, ман ҳама лаҳза бо туям, ман ҳаргиз эҳсос намекунам, ки аз дигарӣ. Ҳама рӯзу ҳама лаҳза ту бо манӣ, гар-

чанде бе ҷону рӯҳӣ. Нигоҳҳои зебои ту зин дакунандаи дилу ҳаловатбахшандаи ҷони мананд. Ман барои хеш туро миёни чорчӯбаи зебои тақдири хеш ҷо додаам, ки агар маро аз марги бераҳм ҷудо насозад, дигар қодир нест.

* * *

Тобистони гарму зебое буд. Дар макони дилрабое истироҳате доштам, басо хуби хуб. Анҷом баркашидаму худро урён миёни дарё гирифтам. Моҳии зебое ба дастам афтод, гирифтаму ӯро рӯи тани урёни хеш сар додам. Оҳ, ҳамон лаҳза зи ҳаловат чашм пӯшидам, навозиши дастони меҳрубони туро эҳсос намудам, ай ҷони ширини ширин…

* * *

Азизам, ман барои ту ривояте мекунам, ки ҳақиқати ҳақиқат аст. Рӯзгороне буд, ки ман дар диёре меҳмон будам, номаш–«Шаҳритус». Маро дар хонае ҷой доданд, ки замоне хонаи падари бузургвори шумо будааст.

Ва он лаҳзае, ки ман воқиф аз ин таърихи кӯҳан гаштам, ашк рехтам. Гузаштаи дуру ноаён пешгири андешаҳои ман шуд. Бо хаёли зебое, ки лаҳзаҳои кӯчакии шумо дар ин хона нақши хеш доранд, зи ҷой бархостаму ҳама утоқҳоро дидан намудам, зи ҳар дару хишти хона, зи ҳар дару девори он садои шуморо мешунидам. Аз деворҳои фарсуда, вале зебои он симои падари бузургворатро меҷустам, то замоне бо ӯ бошам. Агарчанде дар умри пурсӯзи хеш хушбахт зи онам, ки дидори шарифи модаратон муяссари ман гашт. Ва ман бе иҷозати шумо, агарчанде ки боиси хашми шумо гардид, чунин рафтор карда будам. Ман ба шумо гуфтаниям, ки ун лаҳзаҳо зи дарди муҳаббати шумо зи девонае беш набудам. Ба дидорбинии модаратон рафтам, то ташнагии висоли шуморо дар дидани дидори модаратон шиканам. Вале афсӯс,

ки ташрифи софу беолоиши ман боиси дилгарониҳо гашт…Афсӯс…

Ва он модар ёде дигар зи мо накард, чунки ҷои ман дар назди он кас холи буд, он ҷойро хушбахте гирифта…

* * *

Шабҳое, ки ман месӯзаму худ ба худ мепечаму ашки сӯзон мерезам, магар боре дар хобҳои ширину бароҳати шумо медаромада бошам? То эҳсоси дарди ман кунед?

* * *

Ман зи носазогӯиҳои наздиктарин дӯсту маслиҳатгари шумо чӣ қадар ҷафоҳое кашидаам. Вале шумо боре нахостаед, ки дарди дили маро шунавед. Гоҳе ба хеш мепечидаму мегуфтам, ки наздатон замоне мешинаму ҳама дарди хеш мегӯям, вале боз меандешидам, ки на, боз гумон накунад, ки дар байни ду дӯсти ҷонӣ, ки ба ҷонӣ гуфтан ҳақ ҳам надорам, ҷудоӣ андохтаниам, не, маро на ҷудоии шумо даркор аст.

Вале хуб медонам, эй ҷон, ки суханони он рақиб арзише бештар зи суханони ман доранд, агарчи саропо барои фирефтаанд ва зи найранге беш нестанд. Вале сад ҳайф, ки ҳақиқат талх аст.

Ва ман ба ин ҳол умеди ягонаи зи Оллоҳ дорам, ки рӯзе рӯ ба рӯ меояму ман сухан мекунаму шумо зи кардаҳо ва гуфтаҳои наздиктарин дӯстатон воқиф мегардеду медонед, ки гурге будааст дар либоси меш.

Азизи ман, барои шумо чизеро мегӯям, ки ӯро сухани ҷовидона меноманд: бузурганд онҳое, ки ба будани ишқи ҳақиқӣ бовар доранд.

Ман… Худои ман, замоне буд, ки ба будани ишқи ҳақиқӣ бовар надоштам ва инро зи афсонае беш намедони-

стам. Вале кунун, ки маро ин рӯзгорон ба сар омада, бо тамоми вуҷуд ба ишқ, ба ин дарди бузурги бепизишк эътиқод дорам…

Эътиқоде, эҳтироми бузурге чун ба Қуръони Шариф.

Бале, ба ҳамин хотир ба суханони ҷовидонаи ман, ки барои шумо гуфта мешаванд, гӯш бидиҳед.

* * *

Андешаҳои гуногун ва паёпай маро ба гузаштаи дури дур мебарад. Садои модаркалонам зи миёнаи гузаштаҳо ба гӯши дил мерасад. Пайваста мегуфт, ки: духтарам…

Инсон набояд хонаи гунҷишкро вайрон созад, ки ин гуноҳи бузург асту набахшиданӣ! Вақте ки садои ӯ миёни пардаҳои ноумедии ман гум мешавад, дарди ҷонкоҳе вуҷудамро фаро мегирад. Ва басо мехоҳам, ки дар канори дашти танҳое бошам, дод занам, фарёд занам, гирям, дил холӣ зи ғамҳо созам. Чаро ки хонаи гунҷишкро вайрон кардан гуноҳ асту аз одамро не?

Худоё! Хонавайронию дунёвайронӣ як гуфтаанд.

Магар ман яке аз бадбахттарин занҳоям, ки ин занҷири сӯзонро дар пои ман андохтӣ ва ман аз сӯзишу муҳаббати ӯ чи гӯям, ки наравам ба ин кори саропо гуноҳ… На, ҳаргиз…

Бигзор ҳамеша хонааш обод бошад, ғаму дард ва шикасти ӯро ҳаргиз нашунавам, ки тоқати инро надорам.

Гарчи зи ман ҳамеша дур аст, гумон мекунам, ки моли ман аст, на аз дигаре. Ба ҳамин хотир маро басанда аст, ки аз дур ҳам бошад, маро ёд кунаду зинда бошад.

Худоё! Гарчи зиндаҷудоӣ азобест, сангин.

* * *

Ҳамроҳ ба роҳ баромадем. Хамӯш мерафтему мерафтем, танҳо гоҳ-гоҳе ба саволҳои якдигар ҷавоби кӯтоҳе медодем.

Лекин дилҳо ба якдигар роз мегуфтанд, ба беҷуръатии мо гоҳо писханд мезаданд, ришханд мезаданд, ки чашмҳо ба якдигар бармехӯранду тоби нигоҳи якдигар надоранд. Гӯё дар оташе месӯхтанд. Вале дилҳои мо чашминтизори он буданд, ки кай ба якдигар оғӯш мекушоем.

* * *

Ошиқ шудаму дард кашидам. Чеҳраи гулгунам намуди заъфаронӣ гирифт. Бемор шудам. Бадбахтона, ин дард табибе надоштааст. Ҳама табобатҳо барабас, рафтанд. Гуфтанд, ки ошиқӣ ва давои дарди ту висоли ёр аст. Замоне бо тамоми ҳастӣ бо ӯ бош ва шифо хоҳӣ ёфт…

Гуфтӣ, ки меоям, интизорӣ кашидам. Соати ваъда ҳам гузашт. Дарк намудам, ки дил лаҳза ба лаҳза тавони хешро аз даст медод, бехуд мегашт расидам: дардашон дарде будаасту бузург…

* * *

Ӯро ҳама вақт вомехӯрдам. Ҷиддӣ медидам. Худро ба даст мегирифтаму бепарво нишон медодам, то розаш фош нагардад. Вале гоҳо мешуд, ки нигоҳҳо ба ҳам мехӯрданд. Нигоҳҳо роз мегуфтанд. Нигоҳҳо ташнаи дигар буданд, ташна…

Ташнаи якдигар.

* * *

Ман ҳамеша роҳ ба сӯи бистари хеш бо дили шикаста мегирифтам ва як умр безораш будам.

Ҳоло, ки ошиқам, гарчанде ки висоли ту муяссар нест, ки бо хаёли ту зиндагӣ дораму роҳ ба сӯи он бистаре, ки умре безораш будам, бетоқатона менигараму дӯсташ медорам. Чунки чандест бо муҳаббати ту дар он бистар зиндагӣ дорам. Ва аз он бӯи меҳр ва ҳисси навозиши дастони маҳини ту меояд, ёро…

* * *

Ҷаҳонеро бо муҳаббати ту дӯст доштаму чӣ будани маънои зиндагиро бо муҳаббати ту фаҳмидам.

Кунун ҷаҳоне, ки дар чашмам ранге надошт, зеботарин асту шаҳди зиндагӣ, ки дар комам ҳамеша талх буд, ширинтарин…

Муҳаббати ту дар ҷону дили ман чунон маскан гирифтааст, ки ман на танҳо туро дӯст медорам модаратро дӯст медорам, ки туро бо меҳр парварид. Ватанро дӯст медорам, ки туро ба камол расонд. Хокашро дӯст медорам, ки бори қадамҳои туро ба дӯш гирифт. Обашро дӯст медорам, ки покият омӯхт.

Авлодатро дӯст медорам, ки бузургӣ ва баландиашро бароят мерос гузошт. Эй ҷону ҷаҳони ман…

* * *

Шаб фаро расид. Маро ғам гирифт, бархостам. Кӯҳнатарин пироҳанамро ба бар кардам. Пироҳани ҳарири шабпӯш аз дарду ғами тани танҳо фарсуда шудаю тунук гашта, ки тамоми баданам метофт.

Ба рӯи синаҳои хеш даст гузоштам. Чашм пӯшидам, то ҳаловати дастони туро ҳис намоям, эй дури дури бевафо…

* * *

Хоб дидам, миёнамон рӯди софе ҷорӣ аст, ту он сӯю ман ин сӯ мондаам. Имдодталабона ба сӯят менигарам. Ба ман хитоб кардӣ:–Даст деҳ!

Даст додам.

Маро ба сӯи хеш кашидию мувозинат гум кардем. Ҳарду дар оғӯши якдигар ба коми рӯд фурӯ рафтем. Рӯд моро печонида ба ҳам бурд ва ба соҳили мурод расонд.

Дар соҳил бархостем рӯ ба рӯи якдигар. Рӯди кӯҳӣ моро

ба ин баҳона шуста, аз гуноҳҳо пок карда буд. Нидое омад, ки: «Эй ошиқон!... Худо шуморо барои якдигар офарида. Барои якдигар пок карда».

* * *

Чанд моҳ ошиқ будам. Сир накушодам. Дарди хешро шабҳо бо гиря сабук намуда, ғамро чун ғизо фурӯ мебурдам.

Охир дигар тавон намонд… Рози хеш ба дӯсти худ кушодам. Чунки дар пеши ту қудрати ба забон овардани «Туро дӯст медорам»-ро надорам…

* * *

Замоне миёни хаёлоти рангин зистам. Ман гуле Нилуфар будам нав зи об сар бардошта. Ту чун Шоҳпайкаре омадию рӯи барги ман нишастӣ. Маро ҳиссиёти аҷибе фаро гирифт. Туро бехабар миёни барги нозуки хеш печонидам ва ба об фурӯ рафтам. Туро бурдам дар чашмаи муҳаббати худ шустушӯ намуда дидам, ки дил ба дунёи хеш дорӣ. Боз баровардам, барги хеш кушодам, пок намудаму сар додам дар фазои муҳаббати худ…

* * *

Худоро дил сӯхт ба ман. Он чеҳраеро, ки як умр орзӯяш доштам, дӯст медоштам, ба ман рӯ ба рӯ сохт. Ба Яздони пок савганд, ки агар висолаш муяссар шавад, як умр намегузорам, ки ҷои бӯсаҳои ӯро аз лабу ҷои панҷаҳои ӯро аз тани ман касе зудуда созад. Намегузорам.

* * *

Лаҳзаҳои танҳоӣ ба ёди ту хома ба даст мегирам, то чизе бароят рӯи саҳфа орам.

Аммо лаҳзаҳо мегузараду авроқ, сафеду хома хомӯш аст. Вуҷудам бо тамоми ҳастӣ фиғон мекашад, ки эй маъшуқаи сабрхоҳ, бархезу бирав, худро ба пояш андоз, то он сангдил заррае эҳсоси муҳаббати туро кунад.

Гуфт: – Бирав…

Ман чун шамъе дар висолаш сӯхта исто даам. Ман ӯро мехоҳам, вале намедонам, ки ӯ маро мехоҳад ё не.

Худо накунад, агар не бошад. Ман ба хокистар табдил хоҳам ёфт ва маро боди ҳарза бо хеш хоҳад бурд.

Ман ӯро дӯст медорам! Ман ӯро дӯст медорам! Худоё! Басо мехоҳам, ки бори дигар зи модар тавлид шаваму бо ҳама накӯиҳо ба воя расида, бо ҳама покиҳо дар оғӯши ӯ бошам…

Аммо чӣ кунам, ки ними умр сарфи дигаре гашт, ки ӯро намехостам…

* * *

Бархостам. То ба наздат равам. Рафтам, панҷа бар дар гузоштам. Ақл зи доманам мекашид: Марав! Марав!

Ҳайронам, ҳайронам. Худоё, тавфиқ…

Ман бо ҳама ҳастӣ туро дӯст медорам, аммо бо ӯ будан наметавонам. Зеро мегӯянд, ки бе никоҳ ҳаром аст. Наход ман туро бо ҳама покиҳо дӯст дораму барои якдигар ҳаром бошем?.. Не, ман, бо тамоми ҳастӣ аз они туам, Ҳалол будан мехоҳам… бо ту зиндаам…

* * *

Мегуфтанд, ки ишқи ҳақиқӣ ба забон намеояд.

Дар ҳақиқат ӯ оташе будаст, ки дилу ҷонро месӯхтааст. Чи гуна метавон оташ ба забон гирифт? Ман чаҳор моҳ азоб кашидам, то ба забон орам, вале забон дар ифодаи ин калима лол буд… Маҷбур бо забони хома хоҳам гуфт ки: «ман туро дӯст медорам ва муҳаббати ман ҷовидона аст, ҷовидона…»

* * *

Эҳсос мекунам, ки ин баҳор бароям зеботарин баҳори ҳаёт хоҳад буд. Чунки зи гулистони ӯ ман аввалин бор гулҳои муҳаббат хоҳам чид… Эй ошиқон!..

* * *

Илтиҷо дорам, ҳар лаҳза бо ёди ман бош! Чунки ман ҳама дам бо ёди ту зиндаам… Эй аввалину охирини ман!

Вақте ки хешро дар ҷаҳони хаёлот дармеёбам, худро дарунтари он мекашам, ки шояд он ҷо ҷаҳони дигаре бошад, вале боз чун шӯру валвала мешунавам, дилмонда боз бар ҷаҳони хеш бармегардам. Ва худ ба худ тан медиҳам ё хешро маҷбур ба он мекунам, ки зиндагӣ бо валвалаҳои зебо ва дардҳояш зиндагист.

* * *

Ҳар гоҳ ғам меояд ва маро зери ҳадафи хеш қарор медиҳад, ман мегӯям, ки «Эй ғам, ту нотавонӣ, бирав».

Вале хуб эҳсос мекунам, ки бо панҷаҳои заҳрогинаш гӯшаи дили маро захмин карда ва гоҳ-гоҳ дарди он ҷароҳат маро нороҳат месозад ва маҷбур месозад, то гузаштаҳои талхро ба хотир орам…

* * *

Чун ба балоғат расидам ва чизеро эҳсос мекардагӣ шудам, аз куҷое ғурур сардари ман шуд. Ва рӯзе даст рӯи сина зада гуфтам, ки: басо барои ман гуворо буд! Ғурур осудагии манро истифода намуда, бо тамоми мехрубонияш ба оғӯш гирифт ва рӯи кафи дастони хеш гузошта баланд-баланд париданро омӯхт. Мани бехабар зи шикастанҳо боз даст бар сина зада «ман» гуфтам. Ва он лаҳзаҳои дуввуми «ман» гуфтан эҳсос намудам, ки дилро сиёҳие пахш карда гу-

зашт… Аммо замоне даррасид, ки бар сиҳётарин ва вазнинтарин лаҳзаҳои ҳаёт боз ҳамин ғурур ғолиб шудан хост ва гуфт: Тан надеҳу «ман» гӯй… Ақл гум карда, хостам «ман» гӯям, вале даст рӯи сина шикаст… ё шикастам…

Аз ин рӯ, мегӯям: эй азизон! Ғурур мардест бевафо ва мебарад ба кӯи нокомӣ…

* * *

Эй ҷони ман, як нигар, дар ин ҷаҳон муҳаббат танҳо ба сарват монда ва муҳаббати соф қариб, ки зи қалбҳо рахти сафари якумрӣ баста. Аз ин рӯ, чу марде изҳори муҳаббат кунад, ки «эй зан, туро дӯст медорам», бароям хандаовар аст ва савол медиҳам, ки барои чӣ маро дӯст медорӣ?

Зеро сарвате надорам ва зи бори гароне бароят беш нестам…

Ва он замон, ки коми хеш мегирӣ, оғӯши ман бароят сард хоҳад шуд, зеро туро ишқи зан не, ишқи сарват ғуломи хеш сохта. Эй марди бевафо, барои оғӯши зан зи раҳгузаре беш қадр надорӣ, ки ноне зи хоне хӯрда рафта…

* * *

Зиндагӣ аз нигоҳи ман занеро мемонад, ки тани пур аз ҷароҳатҳои обдору хуншор аст.

Зи сахтии дарду нолаҳои ҷонгудоз дили мани сӯхта чи озорҳое надида.

* * *

Вақте ки ӯ аз бари ман меравад, шайтони васвасаҳо дар вуҷуди ман чи тӯфонҳое намехезонад.

Аз ин ташвишҳои барпошуда мурғеро мемонам, ки корд дар гулӯ ҳасту интизори каломи пок.

* * *

Барои худ пираҳане дӯхтам бо сад умед, ки ранги сабз дошт. Рӯзе ба нияти неке ӯро ба бар кардам.

Чанде зи рӯзу моҳҳо гузашту бинам пироҳанам намуди заъфаронӣ гирифта. Оқибаташро аз он дарёфтам, ки диле дар сина ҷароҳатбор дорам, ки асараш ба ин пероҳан гузашта.

* * *

Ҳамеша мехоҳам, ки бо шакарханд қабул ва гуселат намоям. Вале афсӯс, ки лаҳзаҳои гусел сиёҳие дили маро бо дастонаш мефишорад ва он самимият, ки мехоҳам дар саропои ту резам, дар забону дар нигоҳам маҳв мегардад.

* * *

Туро он чунон мехоҳам, ки саропои вуҷуди ман шаъмеро мемонад, ки оҳиста-оҳиста сӯхта, чакида ба коми хеш фурӯ меравад. Ва албатта рӯзе ба нестӣ хоҳад расид. Вале ту то он лаҳзаи вопасин дарк нахоҳӣ кард, ки зи кадомин дард мурда.

* * *

Худо! Барои мане, ки касе набудам ва ё чизе набудам, беҳтарин, поктарин, нектарин бахт дода.

Новобаста аз оне, ки зи ноҷуриҳои ӯ сиришке дорам пайваста рухсорашӯи ман аст.

* * *

Матои муҳаббатро зи ноумедиҳо пора-пора кардам. Вале тақозои тақдирро бинед, ки замоне омад, ки ӯро яъне матои пора-порашудаи муҳаббатро дарбеҳ карда–дарбеҳ карда матои пуррае намуда барои худ пироҳани якумрӣ дӯхтам.

* * *

Мардеро дидам, ки дастагули дар даст доштаашро бо хашм канори роҳ партофта рафт.

Ба худ андешидам, ки чунин маҳбуб ё шавҳар ба талотумҳои дарёи муҳаббат тобовар нест.

Тобовар аз он нест, ки иродааш нотавонӣ дорад ва ин нотавонӣ ин мардро ба он оварда мерасонад, ки миёни дарёи пуртуғёни муҳаббат ғарқ хоҳад гашт.

* * *

Гули зебоеро дидам, даст бар он бурдам то аз бӯи хушаш димоғи сӯхтаро муаттар созам.

Бехабар аз он, ки гул хор дорад. Хори он чунон дастамро озор дод, ки зи сӯзиши он дил ба дард омад. Он лаҳзаҳо хаёли ман ба дуриҳо парвоз намуду андешаи ногуворе маро фаро гирифт.

Гоҳо чунон суханони сахт мезанӣ, ки шунидани он ба монанди сӯзиши ин захмҳои хор аст, ки ҷону ҷигари маро ба дард меоварад.

Бале, аз оне, ки басе дӯстат медорам ва дӯстам медорӣ, меҳрубониҳоят зиёд аст, ин ҷароҳатҳое зи хорҳои забонат дили ман мебардорад зудшифоёбанда аз онанд, ки доруи қиматаш боз забони хуши туст.

Ҷаҳони зиндагӣ пур-пури азобҳост. Азобҳое, ки бо як такон додан тамоми ҷисму ҷонро месӯзонанд.

Маро хабардор месозанд, ки чун наздат дер оям, назди дӯсте ҳастам. Боварам намеояд! Аз он боварам намеояд, ки дили зори ман эҳсос мекунад, ки қадри маро бо дигаре фурӯхта истодааст.

* * *

Зи ноумедиҳо ашк мерезам, Дил ба фарёд меояд, ки ашк нарез, эй шикастадил, ғурури заниятро поймол накун, ки ҳаргиз ӯ бо як соат азобу як қатра ашкат наарзад.

* * *

Гоҳе чунон мехоҳам ҷаҳони ҷону тан, ҷаҳони бой дар худ доштаамро ба пои ту нисор кунам.

Дасти ақл ё хирад зи домони мани ошиқ мекашад, ки мағрури сухани зебо машав, ки рӯзе фиреби зебое хоҳӣ хӯрд.

Чандест, ки бо худ меандешам, ки агар маро дар оташ сӯзед зи ман хокистаре боқӣ хоҳад монд.

Маро дар зиндагонӣ, ай ҷони ман, чунон сӯхтӣ, ки зи ман хокистаре ба ёдгор намонда.

* * *

Чу худро дар зин дагӣ дарёфтам, ба худ андешидам, ки азобу уқубати он барои ман бегона аст.

Аҷаб хатои беақлонае рӯзе, ки ин андеша маро доман гирифт, ба забон омад, то ба имрӯз дар панҷаи тамоми мушкилоту уқубатҳои он асирам.

* * *

Чанде ки умр меравад, ёди гузаштаи парешон маро думболагир мекунад. Ёди гузашта ба саволҳое, ки чаро чакидаҳоямро бесоҳибу парешон ва хомаро канори фаромӯшӣ партофта домани дигар гирифтӣ, ай беҳунар, гуфта такаббурӣ мекунад. Ман бошам, аз пушаймонӣ ва шарм ба рӯи зиндагии гузашта нигоҳе карда наметавонам.

МУНДАРИҶА

Гулназар. Садои дили ҳассос ..................................5

Шеърҳо...........................................................................7

Дубайтӣ ва рубоиҳо ...............................................90

Роғун – нури чашми ватан ...................................117

Асрори санг. (Достон) .........................................133

Фарёдҳо, фарёдҳо. (Таронаҳо)............................145

**Нилуфар Низомӣ**

**ОТАШИ ҶОНАФРӮЗ**

*(Мунтахаби ашъор)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Ҳуруфчини компютерӣ *Раъно Атоева*

Ба матбаа 28.09.2011 супорида шуд.
Чопаш 05.10.2011 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 10,25. Адади нашр 500 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар матбааи ҶДММ «Торус» чоп шудааст.
ш.Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 5